*Ба ҳукми дастнавис*

**Муҳаммад Ҷаъфар Тайёр**

# АФҒОНИСТОН ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10– Журналистика**

**Душанбе – 2018**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Муродов Мурод Бердиевич**
доктори илмҳои филология, профессори кафедраи матбуоти ДМТ

**Муқарризони расмӣ:** **Муллоев Шариф Боқиевич**
доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славяни) Россия ва Тоҷикистон

**Маҳкамова Дилором Юнусовна**
номзади илмҳои филология, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳимояи рисола 20 декабри соли 2018, соати $14^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳиорак, 10) баргузор мегардад.

Бо мазмуну муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «____» ______ соли 2018 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филология** **Гулназарова Ж.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Аҳамияти мавзӯи тадқиқот**. Истиқлолият аз нахустин қадамҳои эҳёи давлати миллии тоҷикон чун асбоби сохтмони бинои мустақилияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллат ба кор гирифта шуд. Ин тамоюли худҷӯиву худсозӣ пайвандҳои таърихӣ ва ваҳдати маънавиро бо кишварҳои ҳамзабону ҳамтаърих ба роҳ андохт ва тақвият бахшид, ки пойбасти онро сирри пӯяндагӣ ва тавонмандии маънавӣ ташкил медод.

Истиқлоли сиёсӣ ва фарҳангӣ заминаро барои робитаҳо ва ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҳамҷавор, аз ҷумла Афғонистон тақвият бахшид. Ин робитаҳо ва ҳамкориҳо дар самтҳои Афғонистону Эрон ва Русияву Ғарб, бешак, барои эҳёи миллии тоҷикон судманд ва ҳуввиятсоз буд. Ба ифодаи Муҳаммадҷон Шакурӣ “наздик шудани мо бо эрониёну Афғонистон на робитаи берунии байналмилалӣ, балки робитаи дохилии худист ва барои расидани мо ба асли худ кӯмак мекунад, яке аз роҳҳои расидан ба саргаҳу сарчашмаҳои таърихи худ аст”[27, 402]. Воқеан ҳам, робитаи маънавии дохилӣ ва пайванди дарунии таърихӣ дар ин давраи сарнавиштсоз барои ҳам Тоҷикистон ва ҳам Афғонистон муҳим буд.

Яке аз шаклҳои таъсиргузор дар шинохти пайвандҳои таърихӣ, фарҳангӣ, ақидатӣ ва муҷовирати минтақаии сокинони ду соҳили Омӯ инъикоси судманд ва беғаразонаи ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлоли Тоҷикистон аст. Омили муҷовирати минтақаӣ ва пайвандҳои таърихиву фарҳангӣ, ақидатӣ шароите ба вуҷуд овард, ки манбаъҳои иттилоотии Тоҷикистон ба воқеиятҳои Афғонистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, дар ин амали нек саҳмгузор бошанд. Моҳият ва мантиқи ин андеша рисолати аслӣ ва ҳадафманди расонаҳои иттилоотии Тоҷикистонро дар инъикоси воқеиятҳои кишвари ҳамҷавор ифода мекунад. Фазои иттилоотӣ дар ин замина барои ҳар ду тараф майдони муборизаи сиёсӣ нест, балки равиш ё худ усули худҷӯйиву худшиносӣ ва ёригарист. Бинобар ин нақши фазои иттилоотии Тоҷикистон дар ин давраи ҳассос, пеш аз ҳама, дар ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ, ҳифзи амнияти марзӣ, иқтидори миллӣ, неруи инсонии коромад ва рушди тавсеаи иқтисодии бар ҳар ду тараф судманд бузург ва созанда аст. Матбуот бо пайгирӣ ва интишори матолиби сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ имкон фароҳам овард, ки вазъи ҷомеаи Афғонистон, вежагиҳои тамоюлоти воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ, интизороти тарафайн дақиқ шинохта шавад. Ин тамоюл шароити тозаи иртиботиро фароҳам овард, ки дар ин равиш саҳми воситаҳои ахбори омма калон аст. Матбуот, ки инъикоскунандаи оро ва иттилооти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва донистанҳои гуногун аз ҳаёти ҷомеа мебошад, дар заминаи таҳлил ва арзёбии маводи дар он интишорёфта метавон аз вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дар як замони муайян пай бурд.

Бинобар ин ҳам, таҳқиқи масъалаи инъикоси воқеиятҳои Афғонистон дар матбуоти Тоҷикистон арзиши фаровон дошта, дар ин замина фаъолияти рӯзномаҳо ба таҳлили амиқ ва фарогир ниёзманд мебошанд. Таҳқиқи фаъолияти матбуоти даврии замони истиқлолияти Тоҷикистон дар роҳи инъикоси воқеиятҳои Афғонистон, ки дар чорчӯби усули ҳирфаӣ фаъолият доранд, аз назари мухтаво ва шакл ниҳоят муҳим мебошад. Анҷоми ин пажӯҳиш дар заминаи таҷриба ва воқеиятҳои ду кишвари ҳамтаърих, ҳамзабон ва ҳамфарҳанг низ бар аҳамияти мавзӯъ таъкид дорад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**. Дар пажӯҳишҳое, ки доир ба масъалаҳои таърихи адабиёт ва равобити Тоҷикистону Афғонистон анҷом гирифтаанд, ишораҳоеро алоқаманд ба ин мавзӯъ дармеёбем. Аз ҷумла, баъзе муҳаққиқоне, ки масъалаҳои равобити адабии ин ду кишварро таҳқиқ кардаанд, дар такя ба маводи дар рӯзномаҳо ба чоп расида, заминаҳои таърихӣ ва ҳолати воқеии муносибатҳо ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Афғонистонро арзёбӣ намудаанд. Дар ин замина метавон аз таълифоти донишмандоне мисли Х. Асозода [1], Ҳ. Назаров [14;15], И. Раҳматов [14], С. Мирзоев [9;10], М. Ғоибов [5], Қ. Искандаров [6;7], Ш. Имом [8] П. Гулмуродзода [4] ва А. Ором [18;19] ном бурд, ки дар заминаи маводи нашрияҳои даврӣ баъзе масоили иҷтимоиву сиёсӣ ва адабиву фарҳангии Афғонистонро дар матни робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва

адабию фарҳангии ду кишвар таҳқиқ кардаанд. Дар аксари ин таҳқиқот доир ба таърихи робитаҳои ҳар ду кишвар дар заминаҳои мухталиф дар асоси маълумоти баъзе рӯзномаҳо маълумоти мухтасар дода шудааст.

Дар ин замина метавон нахуст аз тадқиқоти Ҳақназар Назаров ёд кард. Ӯ доир ба робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон як силсила таҳқиқот анҷом дода, баъзе паҳлуҳои пайвандҳои таърихии ин халқҳоро то замони фурӯпошии Аморати Бухоро ва замони Шӯравӣ таҳқиқ ва арзёбӣ кард, ки арзиши фаровони таҳқиқӣ ва сарчашмаӣ дорад. Ин муҳаққиқ дар рисолаҳои "Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати дурониҳо то ғалтидани Аморати Бухоро", "Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон"(бо ҳамқаламии И. Раҳматов) ва "Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистону Афғонистон" (бо ҳамқаламии Н. Назаров) бори аввал баъзе масоили таърихӣ ва адабиву фарҳангии робитаҳои Тоҷикистону Афғонистонро мавриди баҳс қарор додааст.

Муҳаққиқони дигар низ дар ин замина тадқиқот анҷом додаанд, ки ҳамчун таҷрибаи таҳқиқ арзишманд аст. Аз ҷумла, С. Мирзоев дар рисолаҳои "Андешаҳои маорифпарварӣ дар адабиёти се даҳаи аввали асри бисти Афғонистон", "Жанр ва шаклҳои шеърӣ дар адабиёти маорифпарварии Афғонистон" ва як силсила мақолаҳояш доир ба баъзе паҳлуҳои робитаҳои адабии халқҳои ҳамтаърих равшанӣ андохтааст, ки арзиши сарчашмаӣ дорад. Бахусус бардошти ӯ аз ҳамкориҳои рӯзномаи "Самарқанд" ва маҷаллаи "Оина" бо рӯзномаи "Сироҷ-ул-ахбор"-и Афғонистон дар шинохти заминаҳои таърихии робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон ҳарфи аввал ва бо далел аст.

Ин мавзӯъ дар мақолаи П. Гулмуродзода "Қаламу алам" низ бо андак тафсил арзёбӣ шудааст. Аз таҳқиқоти ин муаллиф бармеояд, ки дар оғози садаи гузашта дар асоси маълумоти "Сироҷулахбор"-и Маҳмуди Тарзӣ рӯзномаи "Самарқанд" таваҷҷуҳи хонандагонашро ба мушкилоти макотиби нав дар Афғонистон" ҷалб намудааст, ки ба решаҳои ҳамкории матбуоти даврӣ ишора мекунад.

Дар таълифоти А. Набавӣ, Х. Асозода, М. Ғоибов ва дигарон низ масоили заминаҳои таърихиву фарҳангии робитаҳои тоҷикону афғонҳо бо ишораҳое ба маводи матбуоти даврии давраи мавриди назар тадқиқ ва арзёбӣ шудааст. Муҳаққиқи афғон А. Ором дар таълифоти номзадӣ ва рисолаи "Бозтоби равобити фарҳангии Афғонистон ва Тоҷикистон дар ВАО" ба таври мухтасар доир ба пайдоиши нахустрӯзномаҳои форсии Афғонистон ва тоҷикии Осиёи Миёна, нақши онҳо дар ҷунбишҳои равшангароӣ, равишҳои ҳамкориҳои Тоҷикистони Шӯравӣ ва соҳибистиқлол бо Афғонистон дар мисоли маводи матбуоти даврӣ сухан кардааст. Дар ин тадқиқот муҳаққиқ доир ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон дар замони истиқлолият, асосан, дар заминаи нашриёти мутааллиқ ба муҳоҷирини афғони муқими Душанбе, ки ба хати дарӣ ва забони тоҷикӣ мунташир шудаанд ва рӯзномаи тоҷикии "Ҷунбиш" мухтасаран таҳқиқот анҷом додааст, ки ҳамаи паҳлуҳои масъаларо фаро намегирад.

Баррасӣ дар заминаи собиқаи мутолиа ва таҳқиқот нишон дод, ки ҳарчанд мавзӯи мавриди назар ҷузъи муҳими таърихи рӯзноманигорӣ, назария ва амалияи он аст, мутаассифона ҳанӯз, ҳамчунон ки лозим аст, ба таври алоҳида таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии пажӯҳиш муайян намудани нақши матбуоти даврии Тоҷикистон дар инъикоси воқеияти Афғонистон аст. Вобаста ба ин мақсад вазъи феълии тадқиқи мавзӯъро ба эътибор гирифта, саъй намудем ба ҳалли вазифаҳои зерин даст ёбем:

- муайян намудани заминаҳо ва омилҳои таърихиву фарҳангии робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон дар давраҳои гуногун;
- ошкор сохтани омилҳо ва равишҳои таҳким ва тавсеаи робитаҳои фарҳангӣ дар замони истиқлол;
- таҳқиқ ва арзёбии савия ва моҳияти инъикоси воқеияти Афғонистон дар матбуоти даврии имрӯз;

- омӯзиш ва шинохти равишҳо ва хусусиятҳои инъикоси масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

- бозтоби чеҳраҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар матбуот ҳамчун васила ва намоёнгари вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар;

- шинохт ва арзёбии шаклҳо ва хусусиятҳои жанрии нашрияҳои даврӣ дар инъикоси воқеияти Афғонистон;

- дақиқ ва асоснок кардани имконоти жанрҳои хабарӣ дар таҳияи воқеияти сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоии Афғонистон;

- муайян намудани нақши жанрҳои таҳлилӣ дар таҳлил ва арзёбии мушкилоти Афғонистон;

- таҳлили махсусиятҳои табсира ва таъбири воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дар матбуоти замони истиқлол.

**Навгониҳои илмии тадқиқот.** Пеш аз ҳама, ба коркарди консепсияи дарк ва инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлолияти Тоҷикистон асос ёфтааст. Нахустин бор масъалаи мазкур дар шакли рисолавӣ омӯхта шуда, тарз ва усулҳои судманди инъикоси он дар матбуоти даврӣ мушаххас карда шудааст. Ҳамчунин муаллиф дар тадқиқот ба масъалаҳои назарӣ ва амалии рӯзноманигорӣ, нақш ва ҷойгоҳи жанрҳо дар инъикоси ин мавзӯъ низ эътибори хос додааст.

**Манбаъҳои тадқиқот** рӯзномаҳои "Ҷумҳурият", "Садои мардум", "Минбари халқ", "Миллат", "Нигоҳ", "Фараж", "Ҷунбиш", "Рӯзи нав" ва "Рӯзгор". Дар ҷараёни таҳқиқ осори гуногуни таърихӣ ва назарӣ, ҳуҷҷатҳои адабию таърихӣ низ мавриди назар будаанд. Ҳамчунин ҳангоми таҳлилҳои типологӣ ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, асноди қонунгузорӣ ва маъмурӣ, маводи вобаста ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, маълумоти расмии омори алоқаманд ба мавзӯъ низ истифода гардиданд.

**Мавзӯи тадқиқ.** Воқеияти Афғонистон ва тарзи инъикоси он дар матбуоти даврии Тоҷикистон. Дар вақти таълифи рисола таҳлилҳо ва арзёбиҳои қиёсии матолиби рӯзномаҳо бо ҳуҷҷатҳои таърихиву сиёсӣ низ ба миён омад, ки дар ин замина аз маводи нашрияҳо истифода гардид.

**Методология ва методҳои тадқиқот.** Таълифот ва коркардҳои ҷудогонаи назарӣ ва амалии донишмандони маъруфи соҳа, мисли Е. П. Прохоров, В. Учёнова, М. С.Черепахов, Е. А. Блажова, В. М. Грохова, В. Т. Афанасев, И. К. Усмонов, А. Н. Нуралиев, А. С. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродов дар соҳаи таърих, назария ва амалияи рӯзноманигорӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Методи асосие, ки дар ҷараёни тадқиқ ба он бештар такя шуд, равиши таърихӣ буда, заминаҳо ва тамоюлҳои замони таърихӣ ва фарҳангии зуҳури мавзӯъ ва масъалаҳоро дар бар мегирад. Истифодаи ин метод имконеро фароҳам овард, ки муаллиф ба принсипи хронологизм такя карда, ҷараёни таҳаввули инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистонро дар матбуоти замони истиқлоли Тоҷикистон аз назар гузаронад ва проблемаҳои назарӣ ва амалии ба миён гузоштаро ҳал намояд. Илова бар ин, барои ба натиҷагириҳои назарӣ ва амалӣ даст ёфтан аз методҳои таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ (сравнителный) ва таҳлили бонизом (системный анализ), ҳамчунин барои таҳлили бевоситаи матнҳо аз маводи герменевтикӣ ва таҳлили сифативу миқдорӣ (контентӣ) истифода гардид.

Дар вақти таҳқиқи масъала муаллиф бо усулҳои тадқиқии тарҷумаҳолӣ, шарҳу тафсири илмӣ, муқоисавӣ ва оморӣ низ содиқ будааст.

**Арзиши назарӣ ва амалии тадқиқот.** Бори аввал воқеияти сиёсиву иҷтимоии як давраи хоси таърихи Афғонистон ва тарзи инъикоси он дар матбуоти даврии замони истиқлолияти Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин равишҳои робитаҳои таърихӣ ва фарҳангии ду кишвари ҳамҷавор дар матни воқеаҳои Афғонистон дар заминаи маводи рӯзномаҳои Тоҷикикистон баррасӣ шудааст, ки қонуниятҳои ташаккул

ва таҳаввули жанрҳои хабарӣ ва таҳлилиро низ дар бар мегирад. Ин ҳама то ҷое ба донишҳои назарӣ ва амалии соҳаи рӯзноманигорӣ афзуда, ба қадри ҳол холигиро дар ин самт пур мекунад. Ҳамчунин маводи тадқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи рӯзноманигорӣ истифода кард. Натиҷагириҳои муаллиф ва нуктаҳои асосии рисола дар вақти тадриси таърих ва назарияи рӯзноманигорӣ, робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон ба кор хоҳад омад. Илова бар ин рисола метавонад ба эҷодиёти рӯзноманигорон, мунтақидони соҳа дар заминаи дарёфт ва корбасти маводи таълимӣ ёрӣ расонад.

**Мазмуни асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешавад:**

1.Масъалаи робитаҳои мутақобилаи Тоҷикистону Афғонистон то замони истиқлолияти Тоҷикистон танҳо бо дарназардошти манфиатҳои сиёсӣ ва базургдавлатии Иттиҳоди Шӯравӣ таҳқиқ ва арзёбӣ мешуд. Дар ин замина донишмандоне мисли Ҳ. Назаров, И. Раҳимов, С. Мирзоев, Қ. Искандаров ва чанди дигар таълифоте анҷом додаанд, ки баъзе паҳлуҳои робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии тоҷикону афғонҳоро равшан месозанд. Ҳарчанд ин донишмандон дар тадқиқоташон аз маводҳои баъзе аз рӯзномаҳо истифода кардаанд, матбуот ҳамчун манбаи фарогири воқеиятҳои Афғонистон ва василаи тавзеҳи моҳияти ҳамгироиҳои хоси миллатҳои ҳамзабону ҳамтаърих мавриди истифода қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат, давраи аввали робитаҳои ин халқҳоро мо ғайри мустақим унвон карда, ба ифшои заминаҳои сиёсӣ ва табақаҳои он, ки монеи робитаҳои воқеӣ ва солими мутақобила будааст, саъй кардем.

2.Бо вуҷуди монеаҳои сиёсӣ дар замони Шӯравӣ робитаҳои тоҷикону афғонҳо заминаҳо ва омилҳои хосу воқеии таърихиву фарҳангӣ дошт, ки равишҳо ва тамоюлҳои ҳамгироиҳои ин ду кишвар ва халқҳои онро таъмин кардааст. Омили аслӣ ва таъсиргузори ҳамгироиҳои гарми Тоҷикистону Афғонистон дар замони шӯравӣ, пеш аз ҳама, муҷовирати минтақавӣ, пайвандҳои таърихӣ ва фарҳангӣ будааст, ки шинохти моҳияти таъсиргузории ин омил дар заминаи инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дар мабнои маводҳои матбуоти Тоҷикистон ҷолиб мебошад.

3.Фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба истиқлол давлатӣ расидани Тоҷикистон заминаи воқеиро барои дастёбӣ ба робитаҳои мустақим фароҳам оварда, дидгоҳҳои илмиро низ дар шинохти ҳамгироиҳои миллатҳову давлатҳо дигаргун кард. Барои Тоҷикистону Афғонистон дар давоми солҳои 1991 ва 2017 робитаҳои мустақим дар ҳамаи соҳаҳо хос буда, ин равиш дидгоҳҳои назариву илмии расонаиро низ оиди ин масъала тағйир дод, ки консепсияи куҳнаи синфиятгарои шинохт, инъикос ва таҳқиқи мавзӯи мазкурро фурӯ гузошта, барои таҳқиқи воқеиятҳои миллии ба ҳар ду тараф манфиатбахш заминаи воқеиро фароҳам овард. Кӯшиши воқеъбинонаи инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва бозтоби чеҳраҳои сиёсиву фарҳангии Афғонистон хоси матбуоти ин давраи Тоҷикистон буда, ба усули эҳтироми манфиатҳои куллии тарафайн асос ёфтааст.

4.Инъикоси воқеиятҳои Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлолияти Тоҷикистон масъалаи тарзи инъикосро низ ба миён мегузорад, ки шинохти саҳеҳи он салоҳияти касбии рӯзномаҳо ва кормандони онҳоро дар ин самт муайян мекунад. Дар ин равиш истифода аз жанрҳои гуногун ва корбасти огоҳонаи унсурҳои жанрсоз аз афзалиятҳои касбии матбуоти тоҷик ва рӯзноманигорон буда, рангорангии жанриро дар таҳияи воқеъбинонаи воқеиятҳои Афғонистон таъмин намудааст.

**Тадбиқи натиҷаҳои илмии рисола**. Тадқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯйҳои мунтазами муаллиф дар тӯли солҳои зиёд мебошад. Муҳтавои асосии рисола дар панҷ мақола, аз ҷумла чаҳор мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КАО ҶТ ба табъ расидаанд. Аз рӯйи мавзӯъҳои тадқиқот дар ҳамоишу конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (Фаъолияти ВАО дар пасманзари муборизаҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ, Душанбе,24-25 ноябри соли 2016) муаллиф маърӯзаҳо хондааст.

Рисола дар ҷаласаи кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва барои дифоъ пешниҳод гардидааст (Суратмаҷлис № 12 аз 1.07.2017).

**Сохтори рисола.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, ҳамчунин методика, арзиши назариву амалӣ ва дараҷаи таҳқиқи он муайян шуда, адабиёти истифодашуда тавсиф гардидааст.

Боби аввали рисола **«Нигоҳе ба равобити Тоҷикистону Афғонистон дар замони муосир»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввал - **«Заминаҳо ва омилҳои таърихиву фарҳангии равобити Тоҷикистону Афғонистон»** баъзе масъалаҳои назарӣ, заминаҳои таърихиву фарҳангӣ ва махсусиятҳои равиши робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон тадқиқу таҳлил ва моҳияти таърихӣ ва омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ҳодиса муайян карда шудааст.

Мовароуннаҳр ва Хуросон қабл аз ислом ва баъд аз зуҳури он дар тӯли таърих ҳаёти муштараки сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ доштаанд. Бо вуҷуди ҷангҳо ва нооромиҳои дохилӣ ва тағйири хонадонҳои шоҳӣ халқҳои ин ду хиттаи бузург ҳамеша дар ҳифзи ягонагии ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангии ин сарзаминҳо будаанд. Ҳамчунон ки Ҳ. Назаров навиштааст, "сабзиши шаҳрҳо ва ҳунармандӣ, пешравии кишоварзӣ, комёбиҳои илм ва фан, муъҷизаҳои адабиёту санъат, ки мардумони Мовароуннахр ва Хуросон дар асрҳои X –XV ноил ва муваффақ гардида буданд, натиҷа ва самари равобити қатънашаванда ва меҳнати аҳлонаи мардуми ин ду минтақа буд" [15,3]. То асри XVI омили аслии пешрафт ва таҳаввулоти иқтисодиву фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон ҳамзистӣ ва ваҳдати халқҳои ду минтақа буд, баъдтар ба сабаби нооромиҳои дохилӣ рӯ ба инқироз овард.

Дар заминаи тағйироти сиёсие, ки баъд аз зуҳури давлати Дуррониён рух дод, робитаҳои кишварҳои ду соҳили Омӯ равиши тоза касб кард. Аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки то замони ташкил шудани давлати ҳозираи Афғонистон аз мавзӯи робитаҳои Мовароуннаҳру Хуросонро пайгирӣ кардан танҳо аҳамияти маҳаллӣ хоҳад дошт. Чунки қабл аз ин дар байни Мовароуннахр ва хоки Афғонистони имрӯза на аз ҷиҳати сиёсӣ ва на аз лиҳози таркиботи миллӣ марзи аниқ ва таъйин пайдо набуд. Вале аз замони таъсиси давлати имрӯзаи Афғонистон ва Аморати Бухоро сар карда, ин давлатҳо муносибатҳои мустақил ва хосро роҳандозӣ кардаанд, ки заминагузори равобити тоза ва судовари тарафҳо буд.

Бинобар ин, вақте дар боби заминаҳо ва омилҳои таърихии равобити Тоҷикистону Афғонистон сухан меронем, бояд давраи онро низ мушаххас кард. Бо назардошти вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Афғонистон замони бунёди давлати нави Афғонистон-давлати Дуррониёнро метавон давраи аввали робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин ду кишвар шинохт. Давраи дувуми ин робитаҳо марбут мешавад ба замони сарнагунии Аморати Бухоро, таъсиси Ҷумҳурии халқии советии Бухоро, Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон дар тобеъияти Иттиҳоди Шӯравӣ. Ниҳоят, давраи сеюми равобити Тоҷикистону Афғонистон ба замони пошхӯрии Шӯравӣ ва ба истиқлолияти давлативу миллӣ даст ёфтани ин кишвар рост меояд, ки равишҳо ва хусусиятҳои хоси худро дорад.

Ҳар се давраи робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон заминаҳо ва омилҳои таърихиву воқеӣ доранд, ки баёнгари равишҳо ва хусусиятҳои хоси равобити кишварҳои ду соҳили Омӯ мебошанд. Тоҷикону афғонҳо-ворисони таърихии ориёиҳои марказӣ муддати тӯлонӣ дар маҳди собит ва хоси ҷуғрофиёӣ-таърихӣ, ҷуғрофиёӣ-этникӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ-ориёиҳои бостонӣ ва Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои миёнаву замони муосир ва Осиёи Марказии қарнҳои XIX-XX ҳамчун мардуми бумӣ ва соҳибтамаддун ҳастии таърихӣ ва фарҳангии худро аз дурии замонҳо то ба

имрӯз ҳифз намудаанд ва ҳоло ҳам халқҳои сернуфӯз ва фаъоли ин минтақаи бузурги таърихии ҷаҳон ба шумор меоянд.

Вақте дар бораи робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон сухан ба миён меоварем, наметавон ин масъаларо берун аз матни таърихиву фарҳангии сарнавишти халқҳои он баррасӣ кард. Ба ифодаи дигар, зинаҳои ташаккул ва таҳаввулоти таърихии ин кишварҳо дид ва арзёбии хоси мавзӯи ҳозирро тақозо дорад, ки мояи онро ҳамкорӣ ва ҳамёрии таърихиву фарҳангии халқҳои ин маҳди таърихӣ ташкил медиҳад.

Сарнавишти таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон ва дигар халқҳои ватани таърихӣ ва ҷуғрофиёи Хуросону Мовароуннаҳри қадима ва Тоҷикистону Афғонистони имрӯза ба ин амри воқеӣ талмеҳ мезанад. Бо вуҷуди он ки сокинони ин ду сарзамин дар тӯли таърих зери тасарруфи ҷобирони худиву бегона зулм ҳам дидаанд, ҳеҷ гоҳ пайвандҳои азалиашон бурида нашуда, балки ба ҳар навъе ҳифз гардидааст. Ба ифодаи нахустин консули Афғонистон дар Душанбе дуктур Муҳаммад Акрами Усмон решаҳои ҳамдилӣ ва ҳамхонии халқҳои ин ду кишвар “Ба аъмоқ ва дурдастҳои таърих мерасад ва фаслҳои зиндагиҳои муштаракашон чандон бешуморанд, ки ба ҳеч рӯй наметавон миёни фарҳангҳои мо хати фосила кашид ва симоҳои тобноки Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саноӣ, Мавлавӣ, Саъдиву Ҳофиз ва Ҷомиро дар як оина надид”(Пайванд, 1999.–1). Дар рисола собит шудааст, ки ҳавзаҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ дар дарозои замонҳо ватани таърихӣ ва фарҳангии халқҳои ин ду кишвар буда, ҳастии инсонӣ ва ҳувияти миллиашонро шакл додааст. Дар ҳеҷ замоне, ҳатто дар замони марзбандиҳои сиёсӣ ва тақсими ҷабрии марзҳо низ ҳамзабониву ҳамдилӣ ва ҳамхонӣ омили аслии ҳифзкунанда ва тавсеабахши пайвандҳо, ҳамқаламиҳо ва ҳамқадамиҳои сокинони ду соҳили Омӯ будааст.

Заминаҳои таърихиву фарҳангӣ ва омилҳои асосии ҳифзи суннатҳои ҳамгироии давлатҳои ду соҳили Омӯ, дар замони ҳукумати Дуррониён ва Аморати Бухоро, пеш аз ҳама забон, дину мазҳаб ва расму оин буд. Бахусус, Дуррониён бо иқдоми забони давлатӣ эълон кардани забони дарӣ заминаҳо ва омилҳои таърихиву фарҳангӣ ва ҳувиятсозии пайвандҳои суннатии ин ду сарзамини ориёиро ҳифз кардаанд. Заминаҳо ва омилҳои зикршуда барои муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухорои манғитӣ низ дар ҳифзи робитаҳои тарафайн корсоз ва таъсиргузор буданд. Ба ифодаи саҳеҳтаре, таъсиси давлати Дуррониён заминаҳои тоза ва мустақили муносибатҳои иқтисодӣ ва фарҳангии Аморати Бухоро ва Афғонистонро фароҳам овард, ки яке аз паҳлуҳои он робитаҳои фарҳангӣ мебошад.

Дар ин давра омилҳои аслии ҳифзи пайвандҳои таърихӣ ва фарҳангӣ адабиёт, забон, дин ва расму ойини муштарак будааст. Ин омилҳо дар давраҳои баъдии робитаҳои мутақобили фарҳангии кишварҳои ду соҳили Омӯ низ таъсири муҳим доштааст. Имтиёзи забони дарӣ дар Афғонистон ва тоҷикӣ дар Осиёи Миёна, ба хусус дар Аморати Бухоро муҳити ягонаи забонӣ ва омӯзиши парваришро то замони ишғоли ин сарзамин аз ҷониби русҳо ҳифз мекард. Дар ин рӯзгор, ба ифодаи С. Мирзоев “Дар мадрасаҳои Бухоро даҳҳо, ҳатто садҳо ҷавонони Афғонистон таҳсил кардаанд. Дар тазкираҳои адабии Осиёи Миёна, ба монанди “Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул- асҳоб”-и Возеҳ, “Тазкират-ул-ашъор”-и Садри Зиё, “Тазкират-уш-шуаро”-и Фазлӣ ва “Намунаи адабиёти тоҷик”-и Садриддин Айнӣ роҷеъ ба як гурӯҳ шоирони Афғонистон, ки дар Бухоро таҳсил кардаанд ва ё ба ин ё он сабаб вориди Мувароуннаҳр шудаанд, маълумоти пурарзише дода шудааст” [9,10].

Дар рисола бо мисолҳо исбот карда шудааст, ки дар ин давра робитаҳо ва ҳамгироии суннатии ин сарзаминҳо қатъ нашуда, балки дар заминаи воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ хусусиятҳои хос пайдо кардааст ва зери таъсири вазъи нооромии сиёсиву иҷтимоӣ шакл гирифта, ҳизф ва тавсиаи фазои ягонаи забони форсии дарӣ ва форсии тоҷикӣ, гароишҳои динӣ ва расму ойини муштарак омили аслии ҳифз ва густариши робитаҳои суннатии ин кишварҳо будааст. Омилҳои фаъоли сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дар ҳузур ва саҳми рушанфикрони тоҷику афғон дар ҷараёни ҳамгиройиҳо ва пайвандҳои адабию фарҳангӣ василаи корсоз ва таъсиргузор будааст.

Аз байн рафтани давлати ягонаи Мовароуннаҳр, таъсиси хонагариҳо ба ҷойи он, аз тобеияти Эрон берун шудани сарзаминҳои қадимаи Эронӣ, тасаллути тадриҷии русҳо бар Осиёи Миёна ва сиёсатҳои ҳайратоваре, ки давлати Шӯравӣ барои аз байн бурдани ҳавзаи забони форсӣ ба кор бурд ва ниҳоят табартақсими сарзаминҳои тоҷикнишин миёни Ӯзбекистону Тоҷикистон, ки бар асари он марказҳои бузурги забони форсии тоҷикӣ, яъне Самарқанду Бухороро аз Тоҷикистон ҷудо кард, омилҳое буданд, ки робитаҳои суннатии асрҳо шакл гирифтаву барҷои тоҷикону афғонҳоро аз маҷрои таърихиву фарҳангӣ берун кашида, тобеи сиёсати вақт сохт ва фазои дарунии фарҳангии робитаҳои халқҳои ду соҳили Омӯро то ҳудуде маҳдуд ва тахриб намуд.

Ба ҳар сурат, бо вуҷуди нуфузи сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии Русия дар Осиёи Марказии ибтидои асри XX ва маҳдудиятҳои сиёсии таҳмилшуда ба давлатҳои минтақа, алоқаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии тоҷикону афғонҳо дар давраи дуюм дар заминаҳо ва тарзҳои гуногун идома пайдо мекунад. Даври дуюми ин робитаҳо аз ибтидои асри XX шурӯъ шуда, то фурӯпоршии Шӯравӣ идома меёбад, ки заминаҳо ва омилҳои хоси таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дорад.

Зуҳури ҷараёни рушанфикрӣ ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Бухоро яке аз омилҳои муҳими ҳифзи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон дар ибтидои асри XX мебошад. Афғонистон дар ин давра барои рушанфикрони тоҷик дар ривоҷи афкори пешқадам, аз ҷумла ошноӣ бо матбуоти нав, тамоюлҳои пешрави адабӣ, осору андешаи шоиру нависандагони машрутахоҳи афғон ҳукми пулеро пайдо мекунад. Дар ин замина, ба хусус нақши матбуоти пешқадам ва осори адибони рушанфикри афғон бузург аст. Бахусус дар ин давра матбуоти нави Афғонистон "рӯ ба ривоҷ намуда буд ва аз ин байн "Сироҷ-ул-ахбори афғония"(аз соли 1911) дар Осиёи Марказӣ шухрати чашмрасе доштааст. Аз истиноди маҷаллаи "Оина" бар меояд, ки "Сироҷ-ул-ахбори афғония" "беш аз ҳама ба руҳи рушангароёнааш ба ноширон ва нашрияҳои Осиёи Марказӣ робитаи зиче доштааст [26,18]. Дар рисола осори дар матбуоти Афғонистон ва Осиёи Марказӣ чопшудаи рушанфикрони тоҷику афғон муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудааст, ки марбут мешавад ҳам ба давраи Амирӣ ва ҳам Шӯравӣ. Муаллиф аз таҳлилҳои қиёсӣ ва муқобилаҳо ба натиҷа расидааст, ки робитаҳои Тоҷикистон ва Афғонистон дар замони Шӯравӣ ғайримустақим буда, равиши он аз ҷониби Москов тарҳрезӣ мешуд, моҳияти сиёсӣ дошт ва манфиатҳои ин миллатҳоро дунбол намекард. Бо вуҷуди ин, ба сабаби ҳамзабонӣ, пайвандҳои суннативу таърихӣ ва адабию фарҳангии ин ду кишвар дар замони Шӯравӣ воқеӣ ва самимӣ буда, дар матни манфиатҳои тарафйн сурат гирифтааст. Самти асосии робитаҳои Тоҷикистону Афғонистонро дар ин давра ҳамгириҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва адабиву фарҳангӣ шакл додааст, ки бештар дар заминаи ҳадафҳои дарозмуддати сиёсӣ, синфиятҷӯӣ ва бузургдавлатии Шӯравӣ таҳрезӣ шудаанд. Ин робитаҳо аксаран хусусияти ғайримустақим дошта, пеш аз ҳама, манфиатҳои умумии давлати Шӯравиро ҳимоя мекард ва, бешак, то ҷойе заминасози ба ҳам наздикшавӣ ва ҳамгироиҳои судманди ду тараф низ будааст.

Дар фасли дуюми боби аввал, ки **"Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таҳкими равобити ин ду кишвар"** номида шудааст, заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии робитаҳои ду кишвари ҳамзабону ҳамҷавор ва омилҳои пешбарандаи ин раванд муфассал тадқиқ ва таҳлил шудааст.

Дар заминаи таҳлили таърихиву муқоисавӣ собит карда шуд, ки омили таконбахши ташаккул ва таҳаввули робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон дар ин давра ба истиқлоли давлатӣ даст ёфтани Тоҷикистон мебошад. Ин ҳодиса заминаҳо ва равишҳои тоза ва мустақимро дар робитаҳои сиёӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон пайрезӣ кард. Пойбаст ва асоси робитаҳои ин ду кишвари ҳамзабон ва ҳамҷаворро, пеш аз ҳама, дин, забон, адабиёт ва дигар аносири фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки василаи муассири ҳифзи ҳувияти ягонаи фарҳангӣ ва тамаддунии халқҳои ин ду кишвар дар давраи нав мебошад.

Дар рисола дар заминаи санадҳои мушаххас нишон дода шудааст, ки замони истиқлоли Тоҷикистон давраи сеюм ва босамари робитаҳои ин ду кишвар буда, заминаҳо, равишҳо ва омилҳои хоси он шиносоӣ шудааст. Муҳимтарин хусусияти робитаҳо дар ин давра мустақим будани он аст, ки заминаи воқеиро барои ба сатҳ ва савияи тоза расидани пайвандҳо фароҳам овард.

Истиқлолият (9-уми сентябри соли 1991) тағйирот ва таҳаввулоти ҷиддиеро дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ба вуҷуд овард, ки заминаи воқеӣ барои рушди босамари равобити фарҳангӣ гардид.

Афғонистон аз нахустин кишварҳое буд, ки истиқлоли Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва талош ба таҳкими муносибатҳои дипломатӣ кард. Марзи миёни ин ду кишвар ҳамчун рамзи ҳамдилӣ таъбир шуд. Фарҳанги ягона, китоби ҷомеъи таърих, ки пеш аз ислом ва баъди он як унвон дошт, таърихи адабиёт, ки низ сарфаслаш як буд, ифтихороти миллӣ ва ҷашну сурҳо, ки муштарак ва ҳувиятсоз барои мардуми ҳар ду кишвар буданд, заминаи воқеӣ ва созандаро барои равобит ва ҳамкориҳои фарҳангии дутарафа фароҳам овард. Дар рисола маводи рӯзномаҳои оғози истиқлоли Тоҷикистон муфассал таҳлил шуда, хронология ва умқу паҳнои зинаҳои робитаҳои фарҳангӣ муайян ва мушаххас гардидааст.

Дар ҳоле ки Афғонистон дар оташи ҷанг месӯхт ва ҳазорон шаҳрвандонаш дар кишварҳои ҳамҷавор ва ҷаҳон паноҳ бурда буданд, дар чунин вазъият давлат ва миллати Афғонистон аз садҳо гурезаҳои иҷбории Тоҷикистон, ки бар асари ҷанги дохилӣ фирорӣ шуда буданд, самимона пазиройӣ намуд ва бо тамоми тавон дар ҷиҳати хатми ҷанги шаҳрвандӣ ба миллат ва давлати Тоҷикистон ёрӣ кард.

Дар ин замина И. Усмонов барҳақ навиштааст, ки “Муносибати Тоҷикистону Афғонистонро дар солҳои навадум (ба назари мо баъди он низ) аз он ҷиҳат арзёбӣ кардан даркор аст, ки моҳҳои ноябр-декабри соли 1992 ва аввали 1993 қариб 90 ҳазор гурезагони Тоҷикистон дарёро убур карда, ба Афғонистон рафтанд, дар он ҷо лагерҳои гурезаҳои тоҷик таъсис ёфтанд”[23,50]. Дар ин давраи ҳассос моҳияти робитаҳои мустақими Тоҷикистону Афғонистонро талошҳои сулҳхоҳонаи роҳбарони ҳар ду давлат - Эмомалӣ Раҳмонов ва Бурҳониддин Раббонӣ барои таъмини амнияти Тоҷикистон муайян мекунад.

Натиҷаи ҳамин сиёсати созанда буд, ки дар солҳои баъдӣ таомули манофеи миллии байни ду кишвар ба сатҳи олӣ расид. Натиҷаҳои ҳамкориву ҳамгироӣ ин буд, ки то кунун панҷ пул бар рӯйи Омӯдарё эъмор шуда, ки баёнгари иродаи давлатмардони ду тараф дар арсаи равобити дуҷониба аст. Бандари Шерхон, ки он дарвозаи тиҷорат ва воридоту содирот миёни Тоҷикистону Афғонистон аст, густариш меёбад. Баргузории нишасти вазирони хориҷии кишварҳои кумаккунанда ба Афғонистон дар Тоҷикистон намои дигаре аз воқеияти равобити сиёсӣ ва иқтисодии ҳар ду кишвар аст. Тоҷикистон бахше аз ниёзҳои Афғонистонро ба барқ таъмин мекунад. Дар соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг аз оғози истиқлолияти Тоҷикистон миёни раҳбарони муассисаҳои илмиву фарҳангии ҳар ду кишвар ҳусни тафоҳуми комил вуҷуд дошт ва ҳамкориҳои самарбахшро таъйин мекард. Шартномаи ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ миёни Академияҳои илмҳои Тоҷикистону Афғонистон, ки онро Президентҳои Академияҳои илмҳои Тоҷикистону Афғонистон У. Мирсаидов ва Абдул Баҳори Рошид 12 апрели соли 2012 ба имзо расонида буданд, заминаҳои мусоиди ҳамкориҳои илмию фарҳангиро миёни ду кишвар ба муддати дароз тарҳрезӣ намуд. Ин шартнома ҳар сол 50 муҳассили афғонро дар сатҳҳои мухталиф замонати таҳсил медиҳад, ки гувоҳи равобити содиқонаи илмӣ ва фарҳангии ду кишвар аст.

Заминагузори пешрафти робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон, пеш аз ҳама роҳбарони ду кишвар мебошанд. Сафарҳои дутарафаи роҳбарони ҳар ду кишвар, ҳуҷҷатҳои дар таҳкими робитаҳо ба имзо расида нишондиҳандаи ҳамгироиҳои пойдори сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ду кишвари ҳамдин, ҳамдил ва ҳамзабон аст.

Суханони зерини Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳияти сёсати давлати тоҷиконро ба бародарони он сӯйи марз равшан ифода мекунад: “Тинҷӣ ва оромии Афғонистон чун бод ва ҳаво барои Тоҷикистон зарур аст” Нияти неки Президенти собиқи Афғонистон Карзайро низ ҳарфҳои зер бармало мекунад: “Субот, амният ва рифоҳи Тоҷикистон аз хостаҳои қалбии миллат ва давлати Афғонистон аст” (Рӯзгор.-2014.-19 феврал).

Дар рисола маводи фаровон дар заминаи робитаҳои сиёсиву иҷтимӣ ва адабиву фарҳангӣ, аз ҷумла аввалин сафари ҳунармандони афғон дар замони истиқлолият ба шаҳри Кӯлоб, шартномаи тоҷирони афғон ва маъмурияти рӯзномаи “Ҷумҳурият” оид ба нашри замимаи рӯзнома бо номи “Омӯ”, муҳоҷирати фарҳангиёни Афғонистон, аз ҷумла Беранги Кухдоманӣ ва Ҳоруни Роъун ба Тоҷикистон, сафари ҳунармандони тоҷик ба Афғонистон, баргузории ҳафтаи синамои Афғонистон дар Тоҷикистон, таъсиси Анҷумани афғоншиносони Тоҷикистон ва нақши он дар робитаҳои дутарафа, нашри мақолаҳои донишмандони тоҷик дар Афғонистон, таҳқиқот доир ба ҳаёт ва эҷодиёти адибони афғон дар Тоҷикистон ва нашри он ва ғайра таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

Дар ин замина мушаххас гардидааст, ки омили аслӣ ва корсозии робитаҳои бисёрҷанбаи Тоҷикистону Афғонистон дар замони истиқлол, пеш аз ҳама, ҳувияти ягонаи фарҳангӣ, муҷовират ва пайвандҳои адабиву фарҳангии тарафайн буда, дар ин равиш дин, таърих ва адабиёти ягонаву муштарак низ пойбасти устувор ва ҳамешагии ин робитаҳо будааст.

Боби дуюми рисола **“Инъикоси воқеияти Афғонистон дар матбуоти даврии Тоҷикистон”** унвон дошта, дар он масъалаи фарогирии воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Афғонистон дар матбуоти кишвар таҳлил ва арзёбӣ шудааст. Ин боб низ аз ду бахш иборат буда, дар бахши аввал “**Воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон ва инъикоси он дар матбуоти Тоҷикистон”**, тарз ва усулҳои фарогирии воқеиятҳои Афғонистон дар матбуоти Тоҷикистон ва таъсири он дар раванди инкишофи робитаҳои ду кишвар мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, собит шудааст, ки воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон дар рӯзномаҳои замони истиқлолияти Тоҷикистон бозтоби хос дошта, манфиатҳои мутақобиларо думболагирӣ менамоянд. Аз ин назар омилҳои ҳамҷаворию ҳамгироӣ ва ягонагии таърихиву фарҳангии халқҳои ҳар ду кишвар дар интихоб ва нашри ин гуна маводҳо муҳим ва ҳадафгир будааст. Дар инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон дар матбуоти даврӣ мавқеияти сиёсӣ ва миллии ҳукумати Тоҷикистон низ нақши муҳим ва таъсиргузор дорад. Маводи дар ин замина ба чопрасида омилҳоеро шиносоӣ мекунанд, ки эътибори Афғонистонро дар замони муайян шакл додааст. Инъикоси воқеиятҳои сиёсии Афғонистон, пеш аз ҳама, фарогири робитаҳои ду кишвар ва давлатҳои минтақаву дунё мебошанд.

Дар ҷараёни таҳлили эмпирикии иттилооти воқеияти сиёсии Афғонистон, ки дар матбуоти ин давраи Тоҷикистон нашр шуда ва баёнгари чеҳраи сиёсӣ ё худ эътибори сиёсии ин кишвар аст, мо ба таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои зер диққат додаем:

-шинохт ва арзёбии воқеиятҳои сиёсие, ки дар тӯли замони муайян ба шакгирии чеҳраи сиёсии Афғонистон мусоидат кардаанд;

-ошкор сохтани моҳияти таблиғотии маводи нашршуда ва тағйири он вобаста ба замон.

Барои таҳқиқ, таҳлил ва арзёбӣ иттилооте, ки дар боби воқеиятҳои сиёсии Афғонистон дар матбуоти давраи истиқлолияти Тоҷикистон дар рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Садои мардум”, “Минбари халқ”, “Тоҷикистон”, “Ҷунбиш”, “Зиндагӣ”, “Миллат”, “Рӯзгор” ва чандин дигар нашр шудаанд, мавриди истифода ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Замони нашри маводҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки аввалан ин давраи мустақилияти Тоҷикистон ва тағйироти муҳими сиёсӣ дар ҳаёти кишвар мебошад, сониян дар бофтори (контекст) ин азнавсозиҳо дар муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистон дигаргуниҳои ҷиддӣ дар соҳаҳои гуногун ба амал омад. Ҳодисаи ахир шароитеро ба вуҷуд овард, ки дидгоҳҳо доир ба чеҳраи сиёсӣ ё худ обрӯйи Афғонистон

мутағайир бошад. Ин ҳолат гоҳо омили шикасти эътибори сиёсӣ, гоҳи дигар василаи шаклгирии чеҳраи нави сиёсии Афғонистон гардидааст.

Дар ин замина вақте ба иттилооти воқеиятҳои сиёсии Афғонистон, назар меафканем мебинем, ки рӯзномаҳо аз воқеияти рӯзмарра сар карда, то интихоботу фоҷеаҳои ҳамарӯзаи сиёсиро инъикос кардаанд. Хадамоти сиёсии иттилоотӣ то ҷойе ба коҳиши ташаннуҷи авзоъ дар кишвари ҳамсоя ба коргирии усули ҳақиқатнигориву ҳусни тафоҳум мусоидат намудаанд. Ба коргирии ин усулро чун омили тақвияти сулҳ ва коҳиши таҳдиди ҷанг барои Афғонистон низ метавон таъбир кард, ки ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбинӣ дар пахши иттилоот ҳадафи созандаи матбуот ва бунгоҳҳои хабарии худиву бегонаро шакл медиҳад. Нақши муайянкунандаро дар ин равиш ҳадафмандии нашрияҳо дар шинохти манфиатҳои миллӣ низ муайян менамояд.

Дар заминаи усули таҳлили контентӣ то ҷойе мушаххас гардид, ки дар ин давра масъалаҳои интихобот, ҷангу сулҳ, амнияти Тоҷикистону Афғонистон барои матбуоти даврӣ муҳим будааст. Рӯзномаҳо дар ин равиш ба муносибатҳои сиёсии Тоҷикистону Афғонистон ва дурнамои он бештар таваҷҷуҳ кардаанд. Таҳлили ин гуна маводҳо собит месозад, ки ҷанг ва нооромӣ барои Тоҷикистону Афғонистон ҳодисаи манфӣ буда, дурнамоии кишварҳои минтақаро низ тира мекунад.

Аз ин ҷиҳат таҳлили ҷузъ ба ҷузъи маводҳое, ки дар мавзӯи ҷанг ва сулҳ ва воқеиятҳои ба он вобаста дар рӯзномаҳои Тоҷикистон чоп шудаанд, моро ба хулосаи зер меоваранд: дар давраи мавриди назар рӯзномаҳо маводеро бештар чоп кардаанд, ки то ҷойе ба тағйири чеҳраҳои сиёсии Афғонистон мусоидат кардааст. Дар ин ҳол вазъи сиёсӣ ва эътибори давлат зери таъсири неруҳои мухталифи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин таваҷҷуҳи матбуоти Тоҷикистон ба масъалаҳои амниятӣ, ҷангу сулҳ дар ин давра бештар буда, барои дастгирӣ ва таблиғи чеҳраи мусбати сиёсии кишвари ҳамсоя ин тарзи инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ муҳим ба шумор меравад.

Дар ин равиш рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Садои мардум” ва “Минбари халқ” мавқеияти хоси таблиғӣ доранд. Ин рӯзномаҳо дар инъикоси воқеиятҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷиии Афғонистон бештар ифодагари дидгоҳҳои расмӣ буда, дар интишори он асосан ба бунгоҳҳои иттилоотии Афғонистон ва берун аз он такя намудаанд.

Воқеиятҳои сиёсии кишвари ҳамсоя дар саҳифаҳои рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Садои мардум” ва “Минбари халқ” дақиқ ва мунтазам инъикос ёфта, баёнгари ҳолати воқеии муносибатҳои сиёсии ду давлати ҳамҷавор низ ҳаст. Ин се нашрия дар Афғонистон бунгоҳҳои хоси иттилоотӣ надошта бошанд ҳам, дар инъикоси воқеиятҳои сиёсии ин кишвар роҳу равиши судмандро ихтиёр намудаанд ва нашри иттилооти расмӣ дар боби воқеиятҳои сиёсии Афғонистон тарзи кори ин нашрияҳоро муайян мекунад. Ин гуна иттилоот, пеш аз ҳама, ифодагари сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвари ҳамсоя буда, дурнамои робитаҳои тарафайнро низ рақам мезанад. Дар ин замина метавон аз нашри иттилооти расмӣ, шарҳу тафсирҳои сиёсӣ дар боби ҷангу сулҳ ва мавқеияти ҳукумати Афғонистон доир ба масоили сулҳи тоҷикон ёд кард.

Дар инъикоси воқеиятҳои сиёсии Афғонистон матбуоти даврии замони истиқлолияти Тоҷикистон, аз ҷумла рӯзномаҳои расмӣ, ҳизбӣ ва мустақил сабки хоси интишор доранд. Таҳлил ва арзёбии маводҳои ин рӯзномаҳо махсусиятҳои тарзи инъикоси ин масъаларо ошкор месозанд.

Тарзи аввали нашри ин гуна маводҳо ба моҳият ва арзишмандии онҳо дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон далолат мекунад, ки аксари нашрияҳо ба ин усул содиқ будаанд. Дар ин равиш рӯзномаҳо бештар ба нашри маводе мутаваҷҷеҳ шудаанд, ки аз назари сиёсӣ барои Тоҷикистон низ камаҳамият набудаанд. Дар ин радиф метавон аз маводҳое ёд кард, ки оид ба мавзӯъҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Афғонистон чоп шудаанд.

Инъикоси ҷузъиёти ҳаводиси сиёсии Афғонистон, таҳлили вазъи сиёсӣ дар манотиқи мухталифи он, нашри шарҳу тафсирҳои мухбирони хориҷӣ ва ҳам ҳуҷҷатҳои ҷудогонаи алоқаманд бо воқеиятҳои сиёсии ин кишвар тарзи дигар ва судманди инъикоси воқеиятҳои сиёсии Афғонистон аз ҷониби рӯзномаҳо мебошад.

Дар инъикоси воқеияти сиёсии Афғонистон матбуоти Тоҷикистон бетараф ё худ ба ифодаи дақиқтаре, "шарики хомӯшӣ" набуда, балки тарзи хоси нигориши ҳадафманди худро доштааст. Дар ин равиш метавон аз маводҳое ёд кард, ки бахшида ба интихоботи Афғонистон, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, талошҳои қавмгароии баъзе ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ ва ғайра дар рӯзномаҳо ба чоп расидаанд. Дар аксари ин гуна мавод тарафдории нашрияҳо ва ё манобеи иттилоотӣ аз гурӯҳҳои мустаъзаф равшан ба назар мерасад. Ба хусус, вақте ҳуқуқи ин ё он қавм ва намояндаи он нодида гирифта мешавад, рӯзномаҳо ба нашри мусоҳибаҳо ва шарҳу тафсирҳое талош варзидаанд, ки ҳақиқати ҳолро равшан кунанд ва ба дидгоҳҳои хонандагон низ ба ин васила таъсиргузор бошанд. Дар инъикоси ин воқеияти муҳими сиёсати дохилии Афғонистон матбуоти Тоҷикистон ба ду типи шарҳу тафсирҳо пойбанд будааст. Барои типи аввали маводҳо арзёбиҳо ва хулосабарориҳо дар асоси воқеиятҳои ҷараёни интихобот хос мебошад, ки ҳатто бо гузашти замон моҳиятан чандон тағйир наёфтааст. Агар инъикоси маъракаҳои интихоботи Карзайро дар тӯли замон дар заминаи маводи чопшуда пеши назар оварем, ин ҳолат ошкор мешавад. Метавон ҳадс зад, ки чунин тамоюли инъикоси воқеияти муҳими ҳаёти сиёсии Афғонистон на фақат ҳадафи хонандаи тоҷикро бо тағйироти вазъи сиёсӣ ва мушкилоти кишвар ошно кардан дорад, балки ба устувории равишҳои воқеиятҳои сиёсии қаблан тарҳёфта низ таъкид меварзад. Ин равиш тарз ва дидгоҳҳои хоси матбуоти тоҷикро дар инъикос ва шинохти воқеияти сиёсии Афғонистон, аз ҷумла интихоботи Президент ва Парлумон муайян месозад.

Дар типи аввали шарҳу тафсирҳо масъалаҳои зерин имтиёз доранд:

-инъикоси дидгоҳҳои мухталиф доир ба тарзи баргузории интихобот ва нуқсу мавонеи дар ин самт эҷодшуда;

-муносибати ҷиноҳҳои сиёсӣ ба усули баргузории интихобот;

-маводҳо оиди низоми идории Афғонистон, забони давлатӣ ва нақши қавму қабилаҳо;

-маълумот дар бораи гурӯҳҳои ҷиҳодӣ ва алоқаи онҳо бо сиёсатмадорони роҳбар;

-таъкидҳои зарурати мушоҳидаҳои бевоситаи вазъи риояи қонун аз ҷониби бунгоҳҳои хабарии Тоҷикистон;

-назари манфии бунгоҳҳои хабарӣ ба ҷараёни баргузории интихоботи парлумон ва президент дар тӯли замон.

Маълумоте, ки доир ба ин масоил дар рӯзномаҳои "Ҷумҳурият", "Садои мардум" ва "Минбари халқ" ба чоп расидааст, то ҷойе арзёбии расмӣ аз воқеияти сиёсӣ буда, дидгоҳҳои доираҳои расмии Афғонистонро ифода мекунад. Тарзи инъикоси воқеиятҳои Афғонистон дар рӯзномаҳои "Неруи сухан", "Рӯзи нав", "Миллат", "Нигоҳ" ва ғайра дигар аст. Ин рӯзномаҳо аксаран ба шарҳу тафсири воқеъбинона ва холисонаи воқеиятҳо таваҷҷуҳ кардаанд. Дар рисола тарзи инъикоси воқеиятҳои Афғонистон аз тарафи нашрияҳои давлатӣ ва мустақил мушаххас нишон дода шудааст.

Дар заминаи таҳлили эмпирикии анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки матбуоти ин давраи Тоҷикистон бештар маводҳоеро нашр кардаанд, ки баёнгари чеҳраҳои сиёсии Афғонистон будаанд. Дар ин равиш рӯзномаҳо ба шинохт ва арзёбии воқеиятҳои сиёсие таваҷҷуҳ кардаанд, ки дар тӯли замони муайян ба шаклгирии чеҳраи сиёсии Афғонистон мусоидат намудаанд. Маводи нашршуда аксаран моҳияти таблиғотӣ дошта, хусусияти замонро низ фаро мегирад.

Таҳлили қиёсӣ собит сохт, ки дар инъикоси воқеияти Афғонистон нақш ва ҷойгоҳи рӯзномаҳои давлатии "Ҷумҳурият", "Садои мардум" ва нашрияҳои мустақили "Зиндагӣ". "Ҷунбиш", "Миллат" ва "Рӯзгор" сутуданист. Ин нашрияҳо дар инъикос ва интишори воқеиятҳои Афғонистон ба воқеияти сиёсиву иҷтимоии кишвари ҳамсоя такя карда, ба нашри воқеаҳои рӯзмарра, интихоботу фоҷиаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва сарнавишти афроди алоҳидае таваҷҷуҳ кардаанд, ки арзиши муҳими таблиғӣ ва таъсипазирӣ низ доранд.

Дар бахши дуюми ин боб **“Шинохти чеҳраҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар нашрияҳои даврӣ”** арзёбӣ шудааст. Вақте равобити бисёрҷонибаи Тоҷикистону Афғонистонро дар мақтаи воҳиди замонӣ ва матни ВАО, бахусус матбуоти даврии замони истиқлолият аз назар мегузаронем, дар ҳама ҷо ва ҳама ҳолат бо таваҷҷуҳи амиқи аҳли қалам ва аҳли сиёсат ба ҳайсияти инсонӣ ва иҷтимоии шахсиятҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ мешавем. Воқеан ҳам дар матни воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии замони муайян қаламкаш ё худ рӯзноманигор оид ба шахсиятҳо, эҷодкорон ва иштирокдорони лаҳзаҳои муайяни таърихӣ маълумот дода, ҳадафҳо, рӯҳияву оҳанги рафтору кирдор ва мавқеияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳоро ба хонанда менамояд, ки худ саҳме дар шинохтан ва шиносонидани таърих ва шахсиятҳои таърихиву фарҳангист. Агар муаллифони ин гуна осор ба ин ҳадаф нарасида бошанд, онҳо табиист, ки моҳияти вазъият ва амалу кирдори шахсиятҳоро дарк накардаанд.

Моҳияти фаъолияти чеҳраҳои намоёни ҳар давраро воқеияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки фаъолияти ин ашхос бо онҳо рабт мегирад, муайян месозад. “Агар “намоиши” амалии хислатҳои хоси шахсият дар вазъият зоҳир нашавад, хонанда тарафҳои муҳими вазъиятро дар намеёбад, нисбат ба лаҳзаи тасвиршуда дониши кофӣ пайдо намекунад» [20, 210].

Муносибати иҷтимоиву таърихӣ, бешак, таваҷҷуҳи амикро ба «чеҳраҳои амалкунанда»-и таърих тақозо мекунад. Шинохти дақиқи чунин чеҳраҳои таърихӣ вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии як давраи муайянро барои хонанда равшан менамояд. Шахсиятҳо дар шаклгирии воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагӣ ва фаъолияташон бевосита саҳмгузор ҳастанд. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши ҷанбаи иҷтимоӣ, таърихии чеҳраҳои сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи маводҳое, ки дар матбуоти даврии Тоҷикистон нашр шудаанд, ҷиҳатҳои хоси худро доранд.

Таҳқиқ ва арзёбии нақш ва ҷойгоҳи чеҳраҳои сиёсиву фарҳангии Афғонистон дар матбуоти Тоҷикистон ҷанбаи амиқи илмӣ дошта, муаллифи ин гуна осор ба сарнавишти чунин шахсиятҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун субъекти таърихии Афғонистон муносибат карда, симои онҳоро дар асоси принсипҳои иҷтимоии маърифати шахсият ба қалам кашидаанд. Дар ин гуна таълифот моҳияти амалу кирдори шахсиятҳоро фазилатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо муайян мекунад. Ҳамчунин дар ин равиш шахсиятҳо намуди арзишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию миллӣ буда, сарнавишташон бо сарнавишти кишварашон ва халқҳои он гиреҳ хурдааст. Аз ин ҷиҳат бозтоби чеҳраҳои сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон дар матбуоти даврии Тоҷикистон «яке аз қисматҳои муҳимми матни таблиғӣ» буда, дар рисола алоқамандӣ ва муносибати чунин шахсиятҳо ба воқеияти сиёсиву фарҳангӣ, усулҳои таъсиргузории ин тарзи нигориш ба тафаккур ва рӯҳияи омма ва дигар масъалаҳои ба он вобаста аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ муфассал таҳқиқ шудааст. Дар ин замина ду тарзи шинохти чеҳраҳои сиёсӣ ошкор гардид: яке баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ аз рӯйи маводи мазмунан ҳамсон ва дар тӯли вақт ҷиддан тағйир наёфта. Ин тамоюли иттилоотӣ дар заминаи вақеияти Афғонистон диққати хонандаро ба нақш ва ҷойгоҳи сиёсии шахсиятҳои алоҳида низ мекашад. Дигаре бозтоби чеҳраҳои сиёсиро тағйири дидгоҳҳо аз рӯйи мазмуни иттилоот муайян мекунад. Масалан, гузариш аз баҳогузории мусбат ба манфӣ ё баръакс. Ин намуди тафсирҳо дар бораи шахсият ва мавқеияти чеҳраҳои сиёсии Афғонистон иттилоотеро дар бар мегиранд, ки қаблан ба хонандаи тоҷик маълум ё дастрас набудааст. Матбуот дар ин давра то ҷое «нақши сиёсиву эстетикӣ»[12,57]-ро иҷро кардааст.

Тарзи аввали шинохт ва бозтоби чеҳраҳои сиёсӣ, ки зикр шуд, дар дараҷаҳои зер имтиёз доранд:

-инъикоси фаъолиятҳои миллатдӯстона ва муборизаи баъзе чеҳраҳои сиёсӣ барои истиқлоли милливу сиёсии Афғонистон;

-ҳамраъйӣ ва мусоидати ин чеҳраҳо ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон;

-мухолифати ин чеҳраҳо ба тавсияҳои дохиливу хориҷӣ ва таъсирмандии ин ҳаводис ба сарнавишти Афғонистон.

Дар заминаи муаррифии воқеъбинонаи сарнавишти чеҳраҳои сиёсӣ дар бештарини маводи дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Тоҷикистон», «Миллат» ва «Рӯзгор» нашршуда баҳогузории қотеи якхела ба мушоҳида мерасад. Дар ин гуна маводҳо омили миллияти чеҳраҳои сиёсӣ низ барои манобеи иттилоотӣ муҳим ва таъсиргузор аст. Муқоисаи ин гуна маводҳо далели мутобиқати комили мундариҷаи мавод ва баҳогузорӣ нисбат ба чеҳраҳои сиёсӣ мебошад. Ба ифодаи дигар, бештарини ин маводҳо дар инъикоси чеҳраҳои сиёсӣ ҳадафи мушаххас ва арзёбии ҳамсон доранд. Бинобар ин, дар баъзе мавридҳо ин гуна маводҳо қолабӣ ва дорои ҷанбаи сусти таҳлилӣ мебошанд.

Дар рисола маводҳое, ки дар рӯзномаҳои «Тоҷикистон», «Рӯзи нав», «Миллат», «Зиндагӣ», «Озодагон» ва «Рӯзгор» нашр шудаанд ва дар онҳо чеҳраҳои сиёсӣ ва фарҳангии Аҳмадшоҳи Масъуд, Бурҳониддини Раббонӣ, Гулиддини Ҳикматёр, Ҳомид Карзай, Абдуллоҳ Абдуллоҳ, Ашраф Ғанӣ, Муҳаммадюнуси Қонунӣ, Атомуҳаммади Нур, Дӯстум, Сайёф, Мавлоно Хаста, Халилуллоҳи Халилӣ, Сулаймон Лоиқ, Аҳмад Зоҳир ва дигарон таҷассум ёфтаанд, қиёсан таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Симои инсонӣ, сиёсӣ ва фарҳании ин шахсиятҳо бо хислатҳои воқеии ҳаётӣ, нишонаҳо, хусусиятҳои рафтор, асоснокии амал, рӯҳия, намуди зоҳирӣ, суханронӣ, сарнавишт, муносибат бо худ, ҷойгоҳ дар зиндагӣ, робита бо инсонҳо ва шароити иҷтимоие, ки бо зиндагӣ ва фаъолияти бевоситаи иҷтимоии ӯ пайванди табиӣ ва воқеӣ доранд, дар ин маводҳо бозтоб ёфтаанд.

Инъикоси хусусиятҳои муҳимми шахсияти сиёсӣ ё фарҳангӣ дар ҷараёни фаъолияти амалии ӯ ва алоқамандиаш бо муҳити иҷтимоӣ аз умдатарин равиши кори рӯзноманигорест, ки ба бозтоби чеҳраи чунин афрод сару кор гирифтааст. Дар ин равиш вазъи сиёсӣ дар бештарини маводе, ки рӯзномаҳо нашр кардаанд, василаи муҳимми бозтоби чеҳраҳои сиёсии Афғонистон аст. Ин усул имкон фароҳам овардааст, ки манобеи иттилоотӣ мавқеияти чеҳраҳои сиёсиро дар шароити мушаххас воқеъбинона инъикос намоянд ва хонанда ба ҳарфи онҳо бовар кунад. Дар ин замина корбурди огоҳонаи назарияи нақш ва ҷойгоҳи шахсият имкон додааст, ки чеҳраи сиёсӣ худро дар вазъияти хос нишон диҳад. Дар ин ҳол омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ низ ба эътибор гирифта шудааст. Аксари маводҳое, ки дар ин равиш чоп шудаанд, нақш ва ҷойгоҳи чеҳраи сиёсиро дар вазъиятҳои ҳассоси сиёсӣ ва иҷтимоӣ муайян карда, доир ба дигар паҳлуҳои фаъолияти ӯ, аз ҷумла нақши ин шахсиятҳо дар муҳити ҷангзада, интизориҳои ҷомеа аз онҳо моҳияти амал ва кирдори онҳо, сатҳи худшиносии ин фардиятҳо ва ормони сиёсиву иҷтимоиашон маълумоти мушаххас медиҳанд. Муаллифон тавонистанд чеҳраҳои сиёсиро бо хусусиятҳои типпии сиёсиву иҷтимоӣ ва фардиашон инъикос карда, нақши сиёсиву иҷтимоии онҳоро дар амал нишон диҳанд. Аксари маводҳое, ки дар бораи Бурҳониддини Раббонӣ, Муҳаммадюнуси Қонунӣ, Атомуҳаммади Нур, Абдуллоҳ Абдуллоҳ ва дигарон чоп шудаанд, чунин хусусият доранд.

Боби сеюми рисола, ки **“Рангорангии жанрӣ дар инъикоси воқеияти Афғонистон”** номида шудааст, ба таҳқиқи масъалаҳои тарзи таҳия, омилҳои интихоби жанр ва корбасти он бахшида шуда, аз ду бахш иборат мебошад. Дар бахши аввали ин боб, ки **“Таҳияи воқеияти Афғонистон дар қолаби жанрҳои хабарӣ”** унвон дорад, тарз ва усулҳои истифодаи жанрҳои хабарӣ дар таҳияи воқеиятҳои Афғонистон таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Даврае, ки матбуоти Тоҷикистон ба инъикоси ҳаводиси сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон пардохтааст, пурвоқеатарин давра будааст. Вобаста ба шароити мавҷуд ҳар рӯз садҳо рӯйдоде дар манотиқи гуногуни ин кишвар иттифоқ меафтад. Табиист, ки рӯзномаҳои Тоҷикистон саъй кардаанд, «оиди ҳар воқеаи наве ба хонанда дарак диҳанд»[16,50]. Дар ин вазъият жанрҳои хабарӣ василаи муассир дар инъикоси воқеияти Афғонистон буда, дар ин замина хабар, ҳисобот ва мусоҳибаҳое, ки дар рӯзномаҳо нашр шудаанд, бештар ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Дар инъикоси ин воқеиятҳо жанри иттилоотии хабар нақш ва ҷойгоҳи хос дорад.

Таҳия, интихоб ва ироаи воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлоли Тоҷикистон дар нигоҳи аввал кори одӣ ва рӯзмарраи рӯзноманигорон ва бунгоҳи хабарӣ ба назар меояд. Вале воқеияти сиёсиву иҷтимоии ҳар ду кишвари ҳамҷавор рӯзноманигорон ва бунгоҳҳои таҳририяро вомедошт, ки дар сабт ва интишори хабар ба меъёрҳои собит ва таҷрибашудаи ин жанр такя сохта, тасмимгириҳояшон дар заминаҳои мантиқӣ ва воқеӣ сурат гирад. Аз ин назар, хабар усул ва меъёри собит дар амалияи интишори ин қолиб дар заминаи воқеияти Афғонистон дар матбуоти даврии Тоҷикистон буда, гузиниши он ба авомили гуногун вобаста мебошад. Зиёда аз ин, он чи бо номи хабар дар матбуот ироа гардидааст, натиҷаи тасмимгириҳои рӯзноманигорон, бунгоҳҳои хабарӣ ва воқеияти иттилооти ироашаванда мебошад.

Тарзи таҳияи воқеияти Афғонистон дар матбуоти даврии Тоҷикистон хусусияти хоси жанрии хабарро муайян мекунад, ки ба масъалаҳои тарзи таҳия, омилҳои интихоби жанр, тафовути хабарнависӣ, усули ҷалби хонанда ба хондани хабар, титр василаи раҳнамо вобаста мебошад.

Ҳамчунон ки муҳаққиқон таъкид намудаанд, хабар аз ҷумлаи жанрҳои фаъоли рӯзноманигорӣ буда, навии иттилоъ омили бавуҷудоранда ва таъсиргузори он аст[21,13]. Хабарҳое, ки дар заминаи воқеияти Афғонистон дар матбуоти даврии Тоҷикистон нашр шудаанд, пеш аз ҳама арзиши иттилоотӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дошта, ба суоли чӣ, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит рух дод ва чӣ натиҷа дод, посух мегӯянд. Ин гуна хабарҳо эълом ва баёни вақоеъи ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ, нақл аз ақоид ва афкори муҳими умумии сиёсӣ ва фарҳангӣ низ ҳастанд.

Хабарҳои нашршуда, қабл аз ҳама, гузориши воқеиятҳоест, ки эҳтимоли сидқ ва кизб низ дар онҳо вуҷуд дошта, барои хонанда аксаран ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Таҳлил ва арзёбии хабарҳои оид ба воқеияти Афғонистон дар матбуоти даврии Тоҷикистон нашршуда нишон медиҳад, ки нав будан, тарафи таваҷҷуҳ қарор гирифтани нигошта муҳимтарин мабнои он аст. Ба ибораи дигар, нашрияҳо асосан ба интишори маводи ҷанбаи хабарӣ дошта таваҷҷуҳ кардаанд.

Таҳлили жанрии хабарҳои рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Минбари халқ», «Тоҷикистон», «Миллат», «Рӯзгор», «Имрӯз news» ва «Фараж» гувоҳи он аст, ки аносири муҳим ва таъсиргузории хабар, гуногунрангӣ ва таъсиргузории ин қолаби иттилоотиро таъмин намудааст. Унсури муҳими хабарии ин рӯзномаҳо аксаран комил буда, қиёфаи хабар аз назари иттилооте, ки бояд ба мухотаб диҳад, ҷаззоб ба назар мерасад. Дар бештарини хабарҳои нашршуда, унсурҳои ташкилдиҳандаи хабар, мисли чӣ касе (кӣ?), чӣ чизе (чӣ), куҷо (?), чӣ вақт (кай?) чӣ тавр ( чӣ гуна?) чаро?- нақш ва ҷойгоҳи хос дошта, корбасти ин унсур ба ғановат ва таъсиргузории хабар афзудааст ва таъсири ҷомеъро аз руйдод ба хонанда интиқол додааст.

Масалан, хабари «Абдуллоҳ Абдуллоҳ аз Карзай интиқод кард»-ро аносир ва арзишҳои хабарии

-чӣ касе-шуҳрат;

-чӣ чизе- даргирӣ ва шигифтӣ;

-куҷо-муҷовират;

-чӣ вақт – тозагӣ;

ҷолиб ва таъсиргузор сохтааст. Дар чунин тарзи нигориш қолаб вобастаи мундариҷа буда, яке аз василаҳои ҷаззобияти хабар аст. Ва таъсиргузории он ба омилҳои гуногун вобаста мебошад.

Стратегия ва тактикаи хабарӣ дар инъикоси воқеияти Афғонистон дар аксари рӯзномаҳои ҳам ҳукуматӣ ва ҳам ғайриҳукуматӣ дар заминаи воқеияти санад ва далели қотеъ бунёд шудаанд, ки ин қонуният дар ҷомеаи иттилоотӣ ба тавсиаи рангорангии жанрӣ мусоидат мекунад. Дар заминаи хабарҳои дар рӯзномаҳои Тоҷикистон нашршуда хусусиятҳои хабар ва намудҳои он таҳлил ва арзёбӣ шудааст. Таҳқиқи қиёсӣ собит кард, ки дар инъикоси воқеияти Афғонистон рӯзномаҳои тоҷикӣ асосан аз навъҳои хабари

кӯтоҳ, васеъ ва хроникавӣ истифода кардаанд. Хабарҳои кӯтоҳе, ки дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» нашр шудаанд, танҳо оид ба воқеа ва санад иттилоъ дода, аз тафсил ё тавзеҳ худдорӣ кардаанд. Аз ҷумла, хабари «Ҳама ҷо тантанаи Наврӯз аст», ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» интишор ёфтааст, намунаи чунин хабари кӯтоҳ мебошад (Ҷумҳурият.-2009.-19,21 ва 28 март). Дар инъикоси воқеиятҳои Афғонистон хабари навин аҳамият дорад. Он бештарин қисмати маводҳои нашршударо ташкил медиҳад, ки баъзе муҳаққиқон ҷанбаи манфии ин тарзи хабаргузориро таъкид кардаанд. Аз ҷумла, А. Нуралиев дар ин бора ба ин назар аст, ки «Аз ҳад зиёд будани навигариҳо ба он оварда мерасонад, ки хонанда танҳо сарлавҳа ва сатрҳои аввалро, ки бо ҳарфҳои калон чида шудааст, мутолиа мекунаду бас»[17,17]. Вале ба назари мо, агар ин гуна хабарҳо бо назардошти ибъоди «улгуйи хабарии Ворд» таҳия ва интишор шуда бошанд, ҳеҷ гоҳ навӣ сабаби нуқси онҳо намешавад. Ин улгӯйи хабарӣ имкон фароҳам меоварад, ки «факти навин ба туфайли рӯзнома ва дигар воситаҳои ахбор ҳамчун навигарии аҳамиятнок пешниҳоду эътироф» гардад. Дар рисола хабарҳое, ки бо ҳамин усул таҳия шудаанд, муфассал таҳлил гардидаанд.

Дар рисола жанри дигари ахборӣ - мусоҳиба муфассал таҳлил шуда, хусусиятҳои муҳим ва нақши он дар инъикоси воқеиятҳои Афғонистон нишон дода шудааст. Аз ҷумла, муайян шудааст, ки мусоҳибаҳои дар ин замина дар рӯзномаҳо чоп шуда, навъе иртиботи шифоҳии тарафҳои мусоҳиба буда, аз ҷониби як тараф барномарезӣ шудааст. Аз намудҳое, ки дар ин замина дар матбуот чоп шудаанд, маъмултарини онҳо мусоҳибаи муколама (интервью-диолог) мебошад. Хусусияти зоҳирии ин навъи мусоҳибаҳо саволу ҷавоби мухбиру мусоҳиби ӯ буда, дар рафти суҳбат ҳадафи хоси яке аз тарафҳо муайян мешавад. Бештарини мусоҳибаҳои нашршуда, «Ба маънии томи сухан, ин гуфтугӯи ором ва боварибахш бо хонанда аст. Муаллиф бо андеша ба хонанда муроҷиат карда, ӯро ба иштироки якҷоя дар ҷустуҷӯи ҳақиқат даъват мекунад» [2,75]. Дар ин замина метавон гуфт, ки аксари мусоҳибаҳое, ки вобаста ба мавзӯи инъикоси воқеияти Афғонистон чоп шудаанд, ҳадафи мубодилаи иттилоотӣ дошта, манфиатдории ҳар ду тарафро дар ҷараёни суҳбат собит месозанд. Аксари мусоҳибаҳои нашршуда ҳадафҳои ҷамъоварии иттилоот, ошкор сохтани андешаи тарафи муқобил, роҳнамоӣ ва тавзеҳи масъалаҳоро дошта, мусоҳибагар ба ҳадафҳои пешакӣ тарҳрезишуда даст меёбад.

Мусоҳибаҳое аз қабили «Муҳаммад Довуди Панҷшерӣ: туфангсолорӣ бояд решакан карда шавад» (Адолат, 26-уми августи соли 2004), « Аҳмад Зоҳир садои ишқ асту дилтангӣ» (Зиндагӣ, 8-уми декабри соли 2005), «Аҳмад Зоҳир: Фурӯғро дӯст медорам» (Фараж, 1-уми июни соли 2009), «Сафир: неруҳои амниятии Афғонистон тавони мубориза бо терроризмро доранд» (Самак, 25-уми июни 2012), «Латифи Пидром: Амрико ёри фундаменталистҳост, на мусалмонҳо» (Миллат, 12-уми сентябри соли 2012), «Устод Ато Муҳаммади Нур: ё худам президент мешавам ё касе, ки ман ӯро ҷонибдорӣ кунам» (Миллат, 4-ми июли соли 2012), «Ман ба Афғонистон ба мардикорӣ не, бо даъвати расмӣ рафта будам» (Рӯзгор, июни соли 2013), «Савлатшоҳ Мерган: Ноорамиҳо дар Афғонистон аз табаддулоти Довудхон оғоз мегиранд» (Рӯзгор, 17-уми июни соли 2013), «Афғонистон: амрикоиён дар ин кишвар таҷовузкоранд ё наҷотбахш?» (Тоҷикистон, 28-уми феврали соли 2013), «Қосимшоҳ Искандаров: Бе тоҷикҳо ҳеҷ ҳукумате дар Афғонистон пойдор намемонад» (Миллат 9-уми июли соли 2014), «Муъмин Қаноат: ҳайф аст, ки Афғонистон таҷзия шавад» (Миллат, 6-уми июли соли 2014), «Дар Афғонистон шеъри тоҷикиро дӯст доранд» (Адабиёт ва санъат, 12-уми ноябри соли 2015), «Файзуллоҳ Ҷалол: гапи Афғонистон ба ин содагӣ ҳал намешавад» (Озодагон, 1-уми июли соли 2015) ва даҳҳои дигар, ки дар рисола таҳлил ва хусусиятҳои онҳо дар инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон муайян гардидааст.

Дар бахши дуюми боби сеюм - **“Корбурди имконоти жанрҳои таҳлилӣ дар тафсил ва баррасии проблемаҳои Афғонистон”** нақш ва ҷойгоҳи қолабҳои ҷудогонаи жанрҳои таҳлилӣ дар инъикос, таҳлил ва арзёбии мушкилоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон таҳқиқ ва таҳлил шудааст.

Аз таҳлили қиёсии маводи нашршуда мо ба ин натиҷа расидем ки унсурҳои жанрсози ин қолабҳо, пеш аз ҳама, воқеиятҳо ва таҳлилу арзёбии онҳо будаанд. Ҳамчунин аз таҷриба бар меяд, ки жанрҳои таҳлилиро "аз рӯйи аломати дарк, инъикоси объект, ҳадафи мушаххас, вазифаҳои омӯзишиву тарбиявӣ, вусъати инъикоси воқеият, миқёси хулосаҳову умумиятдиҳӣ, хусусиятҳои адабиву услубӣ ва ифоданокиву тасвирӣ" [3,224] метавон аз ҳам фарқ кард. Аз ҳамин дидгоҳ мавқеияти қолабҳои таҳлилии табсира, мақола ва тақриз арзёбӣ шудааст.

Аз ин мавқеъ вақте табсираҳои оид ба мушкилоти Афғонистон нашршударо аз назар мегузаронем, дуҷанбагии он, яъне иттилоъ дар бораи ҳодиса ва тафсири он равшан ба назар мерасад. Моҳияти масъала дар он аст, ки сарчашмаи иттилоот оиди ин ё он ҳодиса дар батни матн хуфтааст. Муаллиф воқеиятро шарҳ дода, дар ин замина ба сарчашмаҳои боэътимод ва андешаҳои иштирокдорони воқеаву шоҳидон такя менамояд.

Ҳадафи асосии табсираҳои мавриди назари мо, ба ифодаи профессор М. Муродов "Шарҳ додани моҳияти воқеа ва хислати он аст" [13,130]. Илова ба ин, вақте ин табсираҳоро таҳлил мекунем, равшан мешавад, ки ҳар кадоме фарогири аносири муҳими жанрсози ин навъи таҳлилӣ, аз ҷумла луқмаи фаврӣ будани он, василаи аслии таҳлил қарор гирифтани воқеа, санад, рӯйдод ва ахбори интишорёфта, асоси музокиравӣ доштани он, хусусияти баҳодиҳӣ ва пешгӯикунандаи он, дар он мавқеи меҳварӣ доштани андешаи муаллиф мебошанд. Ҳамчунин сохтори ин табсираҳо бар воқеа, факт, таҳлил, ақида устувор аст, ки низ аз вижагиҳои жанрии ин навъи иттилооти таҳлилист.

Ҳамин тариқ, дар заминаи табсираҳои «Ҷумҳурии исломӣ: фарҷоми ҷиҳод», «Як нафар дар муқобили ду империя», «Нигаронӣ аз задухӯрдҳои шадид», «Истиқбол ва мухолифат ба бозгашти Ҳикматёр», «Афғонистон: шикасти дубораи Русия ва ғалабаи Амрико" ва ғайра, ки рӯзномаҳо чоп кардаанд, метавон гуфт, ки дар ин маводҳо унсури асосии жанрсоз ҳодисаи мушаххас буда, ҷузъҳои дигари он - яъне муҳокимаи ҳаматарафа, ошкор сохтани моҳият ва сабаби рӯйдод, арзёбӣ ва пешгӯйии оқибатҳои он, яъне мисолҳову муҳокимаҳо ҳамчун маводи ёрирасон барои интишори ҳаматарафаи воқеият кӯмак мекунанд. Ба ифодаи дақиқтар, моддаи бунёдӣ ва унсури жанрсози табсираҳои зикршуда, пеш аз ҳама, факт аст.

Табсираҳои зикршуда, бо ҳамин усул эҷод шуда, доираи васеи рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистонро инъикос менамоянд, ки намунаи он табсираи «Ҷумҳурии исломӣ: фарҷоми ҷиҳод» мебошад. Дар ин мавод номи интихобшуда таъкид бар рӯйдоди муҳим дошта, мазмун ва тарзи нигориши он ҳам аз воқеияти мушаххас иттилоъ медиҳад, ҳам онро тафсиру тавзеҳ мекунад, ки ду унсури сонӣ аз нишонаҳои хоси жанрсози ин мавод мебошанд. Паҳлуи дигари тарзи нигориши муаллифро бархӯрди ҷомеъи ӯ ба рӯйдод, санадҳои воқеӣ ва моҳияти он ташкил медиҳад, ки низ аз вежагиҳои ин жанри таҳлилӣ буда, ҳадафи мушуххаси худро дорад, ки иборат аст аз таъйиди воқеият. Дар рисола ин ва табсираҳои дар боло зикршуда муфассал таҳлил ва хусусиятҳои жанрии онҳо муайян гардидааст.

Дигар аз жанрҳои таҳлилӣ, ки дар инъикоси воқеиятҳои Афғонистон нисбат ба дигар қолибҳо имтиёз дорад, мақола мебошад. Мақолаҳое, ки дар ин замина дар рӯзномаҳои гуногун ба чоп расидаанд, вижагиҳои ин жанрро таҷассум мекунанд, ки аз ҳадафҳои ҳунарӣ ва мундариҷавии он берун меояд. Бештарини ин маводҳо дар боби ҳодисаву воқеаҳои аҳамияти умумидошта таълиф шуда, андешаҳои муаллифро доир ба вазъият, ҷараёнҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ё ягон паҳлуи дигари ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ дар бар мегиранд. Муаллифони ин мақолаҳо ба ҳодисаҳо, ҷараёнҳо ва вазъиятҳое таваҷҷуҳ кардаанд, ки барои ҷомеа ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ таъсир доштаанд. Ба ин далел, мавзӯи ин гуна мақолаҳо "на санад (ҳодиса)-и ҷудогона аст, балки сабабҳо ва муносибатҳои воқеиест, ки он санадҳо ва воқеаҳо ба вуҷуд овардаанд" [21,101].

Мақолаҳое, ки вобаста ба мушкилоти Афғонистон дар рӯзномаҳои тоҷикӣ чоп шудаанд, марбут мешаванд ба масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ. Ин

мақолаҳоро, асосан, муаллифони тоҷик навиштаанд ва «омӯзиши қонунмандиҳои гуногун, анъана ва дурнамои соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир»-и Афғонистон ҳадафи аслии мақолаҳои онҳо будааст.

Мақолаҳое, ки дар ин фосила дар рӯзномаҳои тоҷикӣ нашр шудаанд, илова ба масоили дигар, масъалаҳои адабӣ ва фарҳангиро низ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор додаанд. Дар ин равиш метавон аз мақолаҳои Х. Асозода «Инқилоби савр ва сарнавишти адабиёти Афғонистон» (Адабиёт ва санъат, 27-уми майи соли 1993), А. Анвар «Ёде аз Мавлоно Хаста - донишманди хастагинопазир» (Ҷумҳурият, 10, 12 ва 14-уми июни соли 2003), Д. Обидов «Истиқбол аз моҳи шарифи рамазон ва иди фитр дар Афғонистон» (Ҷумҳурият, 3-уми апрели соли 2012), Амир Ҳамза Саҳрой «Раҳбари шаҳид, устод Бурҳониддин Рабоннӣ исломшинос ва сиёсатмадори жарфандеш» (Рӯзгор, 25-уми сентябри соли 2011) ва ғайра ёд кард, ки ҳар кадоме хусусиятҳои хоси жанри мақоларо ифода мекунанд.

Хусусиятҳои умумии ин мақолаҳо аз он иборат аст, ки ҳар кадоме бар пояи таҳқиқ ва баррасӣ устувор аст. Фазилати дигари ин мақолаҳои таҳқиқиро сирфан пас аз таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба ба шеваҳои илмӣ таҳия шудан ва дар онҳо охирин натоиҷи ба даст омада аз пажӯҳиш мавриди баҳс ва арзёбӣ қарор гирифтан муйян мекунад .

Сохтори матни мақолаҳои зикршуда маҷмӯӣ масъалаҳо, мулоҳизаҳо ва фарзияҳоеро дар бар мегиранд, ки ба “ифшои сабабҳо ва натиҷаҳои алоқамандии санадҳои ҷудогона” мусоидат намудаанд. Омили дигари жанрсози ин мақолаҳо аз риояи усули илмии таҳқиқ ва интонатсияи лексикаи илмӣ иборат буда, ҷиддияти сохтори илмӣ, равшании ифодаҳо ва андешаҳои мантиқиву бонизом ҷанбаи таҳқиқи онро афзоиш додааст.

Тақриз низ аз жанрҳои фаъоли таҳлилӣ дар инъикоси воқеиятҳои Афғонистон мебошад. Тақризҳое, ки дар матбуоти Тоҷикистон ба нашр расидаанд, асосан, осори адибон ва донишмандони Афғонстонро мавриди арзёбӣ қарор дода, рисолати пайвандгариро низ иҷро кардаанд. Тақризҳое, ки дар ин замина чоп шудаанд, дар боби муаллиф, мавзӯъ ва ғояи асар, воситаҳои нигориш, низоми фикрӣ, тарзу усули эҷоди асар маълумот медиҳанд, ки аз аносири шаклсозӣ жанрӣ низ ҳастанд [11,19]. Дар замина тақризҳои Ҳ.Назаров “Айёре аз Хуросон” (Ҷумҳурият.-1991.-16 ноябр), А. Раҳмонов «Гулқанди шеър дар чакомаи хаёли Абдулғаффури Орзӯ» (Адабиёт ва санъат. -2014.-22 май), Х. Қодирӣ «Гӯшвораи Анис адиби афғон» (Адабиёт ва санъат.-2009.-24 сентябр) ва ғайра бо муайянкунии аносири шаклсози жанриошон таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

Дар хотима аз тадқиқоти анҷомгирифта натиҷагирӣ шуда, муҳимтарин хулосаҳо зикр шудааст. Аз ҷумла, таҳқиқ ва таҳлили мавзӯъ натиҷаҳои зерро ёдрас мекунад:

1.Омили аслии пойдории робитаҳои ғайримустақим ва мустақими Тоҷикистону Афғонистон ҳам дар замони Шӯравӣ ва ҳам давраи истиқлол ва таваҷҷуҳи густурдаи матбуоти даврӣ дар инъикоси воқеиятҳои Афғонистон ва равандҳои ҳамгироии ду кишвари ҳамҷавор, пеш аз ҳама, муҷоварати минтақавӣ ва пайвандҳои ақидаи фарҳангӣ будааст;

2. Ватани воҳиди фарҳангӣ омили дигари ҳифозати миллали ин ду кишвар будааст, ки сохтмон ва устувории онро забони муштараки форсии тоҷикии дарӣ ба ҳамешагӣ замона додааст;

Дар оғози садаи бист ва давраи Шӯравӣ ҳарчанд робитаҳои мустақими тоҷикону афғонҳо осеб дида бошанд ҳам, вале матбуот дар ин давра василаи муассир дар ҳифз ва густариши нисбии ин пайвандҳо ва ҳамгироиҳои ду кишвар будааст, ки дар ин раванд нақши рӯшанфикрон бузург аст. Дар ин давраҳо матбуот даричаи муовизаи афкори созандаи адабӣ ва фарҳангиро барои халқҳои ҳарду соҳили Омӯ боз доштааст. Дар ин раванд афкори рӯшанфикрони афғонӣ, аз ҷумла Маҳмуди Тарзӣ ва Бухоройӣ – ба мисли Айнӣ дар ҳифозати нисбии ватани фарҳангии ҳар ду миллат муҳим арзёбӣ мешаванд;

4. Дар даврони Шӯравӣ ҳарчанд Тоҷикистон бо Афғонистон робитаи мустақим надошт, вале ҳамгироиҳои маҳдуди фарҳангӣ миёни ду кишвар барқарор буд, ки дар сурати сафарҳои дастаҳои ҳунарӣ, нашри китоб ва ирсоли он ба ду тараф амалӣ

мегардид. Дар ин давра нашру накди осори адабиву илмӣ ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Тоҷикистон яке аз омилҳои муассири ҳифозати пайвандҳои ҳар ду кишвар будааст;

5.Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба робитаҳои мустақими ҳар ду кишвар асоси воқеӣ гузошт. Таъсиси ниҳод ва созмонҳои давлативу ҷамъиятӣ аз ду тараф робитаҳои мустақими Тоҷикистону Афғонистонро густариш ва таҳаввули тоза бахшиданд;

6. Рӯзномаҳои Тоҷикистон ба воқеиятҳо ва мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон нигоҳи холисона ва воқеъбинона дошта, дар инъикос ва шарҳу тафсири он нақши хос ифо кардаанд. Манобеи саҳеҳи иртибот (интиқолдиҳандаи паём), вижагиҳои паёмгирон (мухотабон) ва моҳияти паём аз омилҳои таъсиргузор ба фаъолияти рӯзномаҳо дар инъикоси воқеиятҳои Афғонистон аст;

7. Рӯзномаҳо бештар ба нашри матолибе диққат додаанд, ки ифодагари равишҳои таърихӣ ва муосири пойдории робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон мебошанд. Дар ин замина нашри маводҳои фарҳангӣ мавқеъ ва ҷиҳатгирии Тоҷикистонро дар қиболи Афғонистон ифода карда, бар пешинаи таърихию фарҳангии халқҳои ин ду кишвар таъкид ҳам доранд;

8. Дар инъикоси воқеятҳои Афғонистон матбуот аз жанрҳои гуногуни хабарию таҳлилӣ истифода кардааст, ки ба гуногунрангии жанрӣ ва диққатангезии инъикоси воқеиятҳои Афғонистон мусоидат намудааст. Дар ин замина рӯзномаҳо аз жанрҳои ахбории хабар, мусоҳиба ва таҳлилии табсира, мақола, тақриз ва ғайра фаровон истифода кардаанд. Жанрҳои истифодашуда сохтмони устувори жанрӣ дошта, аносири жанрсози онҳо мушаххас ва устувор аст. Истифодаи жанрҳои гуногун, бешак, дар инъикоси воқеии таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, бозаргонӣ ва фарҳангии Афғонистон ва робитаҳои он бо Тоҷикистон мусоидат намудааст.

**Муҳимтарин вижагиҳои диссертатсия**
**дар мақолаҳои зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

**1. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ФР ва КОА ҶТ**

1. Муҳаммад Ҷаъфар Тайёр. Нигоҳе ба матбуоти Бадахшони Афғонистон / Тайёр М.Ҷ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ.– Душанбе: «Сино», 2016.–4/1(195).– С.280-282.

2. Муҳаммад Ҷаъфар Тайёр. Тарзи таҳияи воқеияти сиёсии Афғонистон дар матбуоти тоҷик /Тайёр М.Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. – Душанбе: «Сино», 2016.– 4/6 (212).– С.309-314.

3. Муҳаммад Ҷаъфар Тайёр. Бозтоби чеҳраҳои сиёсии Афғонистон дар матбуоти даврии тоҷик / Тайёр М. Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. – Душанбе: «Сино», 2017.–4/2.– С.305-309.

4. Муҳаммад Ҷаъфар Тайёр. Баъзе омилҳои таърихии равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон / Тайёр М.Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. –Душанбе: «Сино», 2017.– 4/3.– С.300-305.

**2. Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар**

5. Муҳаммад Ҷаъфар Тайёр. Нигоҳе ба бозтоби равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон дар матбуоти тоҷик / Тайёр М.Ҷ. // Паёмномаи фарҳанг (Нашрияи илмию таҳлилӣ). – Душанбе: «Аржанг», 2016.– №3 (35).– С.34-39.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. Асозода, Х. Адабиёти садаи бисти форсии тоҷикӣ. Дафтари аввал. Ҷ. 2 / Х. Асозода. –Душанбе,1996. –360 с.
2. Бараневич, Ю. Д. Жанри радиовешания / Ю.Д.Бараневич. –Киев-Одесса, 1978. –167 с.

3. Ворошилов, В. В. Журналист / В.В.Врошилов. –Санк-Петербург: Издателства Михайлова В. А. –2006. – 640 с.
4. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон / П.Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 162.
5. Ғоибов, М. Таърихи равшангарии Тоҷикистон ва Афғонистон / М. Ғоибов. – Душанбе,1989. –120 с.
6. Искандаров, Қ. Афғонистон. Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ / Қ. Искандаров // Масъалаҳои муҳими таърих ва фарҳанги Афғонистон. – Душанбе: Ирфон, 2003. –132 с.
7. Искандаров, Қ. Халилуллоҳи Халилӣ - Шахсияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ / Қ. Искандаров // Масъалаҳои муҳими таърих ва фарҳанги Афғонистон. – Душанбе, 2013. – С.35-50;
8. Имом, Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуюми қарни XIX ва қарни XX / Ш. Имом. –Душанбе, 2013. –267 с.
9. Мирзоев, С. Андешаҳои маорифпарварӣ дар адабиёти се даҳаи аввали асри XX-и Афғонистон / С. Мирзоев. –Душанбе, 1993. –134 с.;
10. Мирзоев, С. Жанр ва шаклҳои шеърӣ дар адабиёти маорифпарварии Афғонистон / С. Мирзоев. –Душанбе,1993. –147 с.
11. Муродов, М. Тақриз ҳамчун жанр /М. Муродов. –Душанбе: Ирфон, 1999. – 48с.
12. Муродов, М. Аз таърихи ташаккул ва инкишофи ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти тоҷик /М. Муродов. –Душанбе: Сино, 2007. – 144 с.
13. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист /М. Муродов. –Душанбе: Ирфон, 2014. – 252 с.
14. Назаров, Ҳ., Раҳматов, И. Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон / Ҳ. Назаров, И. Раҳматов. –Душанбе: Дониш, 1987. – 41 с.
15. Назаров, Ҳ., Назаров Н. Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистону Афғонистон / Ҳ. Назаров, Н. Назаров. –Кӯлоб,1991. – 92 с.
16. Нураллиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нураллиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. –Душанбе: Ирфон,1989. –173 с.
17. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот /А. Нуралиев. –Душанбе, 2004. – 144 с
18. Ором, А. Бозтоби равобити фарҳангии Афғонистон ва Тоҷикистон дар ВАО / А. Ором. –Душанбе, 2011. – 96 с.
19. Ором, А. Отражение културних связей Таджиикистана и Афганистона в печати (1991-2011): Автореф.дис.канд.фил.наук /А. Ором. –Душанбе, 2012. –26 с
20. Прохоров, Е.П. Публицист и действителность /Е. П. Прохоров . –М, : МГУ, 1973. – 316 с.
21. Тертичный, А.А. Жанри периодической печати. Учебное пособие для студентов вузов /А. А.Тертичный.-3-е изд. испр. И доп. –М.:Аспект Пресс, 2006. – 230 с.
22. Усмонов, И. Назарияи публитсистика /И. Усмонов. –Душанбе: Шарқи озод, 1999. –100 с.
23. Усмонов, И. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хорҷии Тоҷикистон /И. Усмонов. –Душанбе, 2003. – 64 с.
24. Усмонов И. , Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов.–Душанбе, 2008.- 280 с.
25. Хайдорн Н. Политический образ как репрезентант политической ситуатсии в газете / Н. Хайдорн // Журналист. Пресса. Аудитория. –Ленинград: Издателство Ленинградского Университета, 1991. – С. 97-105.
26. Ҳабибӣ А. Ҷунбиши машрутият дар Афғонистон / Абдулхай Ҳабибӣ.–Кобул, 1369. –С. 117.
27. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо / М. Бухороӣ. –Душанбе: Дониш, 2009. – 415 с.

## ХУЛОСАИ МУХТАСАРИ

**кори диссертатсионии Муҳаммад Ҷаъфар Тайёр дар мавзӯи «Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлоли Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи номзадӣ тадқиқи нақши матбуоти даврии замони истиқлолияти Тоҷикикистонро дар инъикоси воқеаҳои Афғонистони муосир дар бар гирифтааст. Муаллиф дар заминаи маводи матбуоти даврии тоҷик омилҳои таърихиву фарҳангии робитаҳои Тоҷикистону Афғонистонро баррасӣ намуда, таҳкими робитаҳои ин ду кишварро дар замони муосир нишон дода, хусусиятҳои мавзӯӣ ва жанрии маводи марбут ба Афғонистонро таҳқиқу таҳлил кардааст.

Самти асосии робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон дар давраи қабл аз истиқлол ҳамгириҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва адабиву фарҳангӣ будааст, ки бо вуҷуди аз тарафи Маскав идора шудан, дар рӯҳияи манфиатҳои тарафайн сурат гирифтааст. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон барои робитаҳои нав ва сермаҳсули ҳарду кишвар замина гузошта онро тавсеа бахшид, ки дар ин роҳ нақши матбуоти даврӣ низ бузург аст. Таҳлили маводи матбуоти даврӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра робитаҳои Тоҷикистону Ағонистон асосан, дар самтҳои сиёсиву иқтисодӣ, адабиву фарҳангӣ ва мактабу маориф инкишоф ёфтааст.

Дар матбуоти даврии замони истиқлолияти Тоҷикистон бештар воқеиятҳое инъикос гардидаанд, ки дар тӯли замони муайян ба шаклгирии чеҳраи сиёсии Афғонистон мусоидат намудаанд. Маводи нашршуда аксаран моҳияти таблиғотӣ дошта, хусусияти замонро низ фаро мегирад. Муаллиф бо таҳлили муқоисавӣ собит намудааст, ки дар инъикоси воқеияти Афғонистони муосир рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон чун “Ҷумҳурият”, “Садои мардум” ва нашрияҳои мустақил амсоли “Зиндагӣ”, “Ҷунбиш”, “Миллат”, “Озодагон” ва “Рӯзгор” нақши бештар доштаанд. Ин нашрияҳо ба инъикоси воқеаҳои рӯзмарра, масъалаҳои ҷангу сулҳ, амнияти Афғонистон ва минтақа, вазъи иҷтимоӣ, баргузории интихоботҳо, шинохти нақш ва ҷойгоҳи чеҳраҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи Афғонистон сарнавишти афроди алоҳида таваҷҷуҳ кардаанд, ки арзиши муҳими таблиғӣ ва таъсирпазирӣ низ доранд. Инъикоси ин масъалаҳо дар нашрияҳои даврӣ таносубан фарқ мекунад. Агар рӯзномаҳои расмии “Ҷумҳурият”, “Садои мардум” ва ҳизбии “Минбари халқ” бештар ба интишори иттилооти расмӣ, аз ҷумла сафари роҳбарони давлатҳо ба кишварҳои ҳамдигар, эъломи маъракаи интихобот, гуфтугӯйи ҷиноҳҳои ба ҳам даргир таваҷҷуҳ намуда бошанд, нашрияҳои “Зиндагӣ” ва “Рӯзгор” аксаран ба нашри иттилооти иҷтимоиву фарҳангӣ ва “Миллат” ва “Фараж” ба масоили сиёсӣ ва бозтоби чеҳраҳои сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон эътибор додаанд. Дар умум воқеиятҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дар матбуоти даврии Тоҷикистон аксаран холисона ва ҳақиқатнигорона инъикос ёфтааст, ки бешак, дар чунин рӯҳия интишор намудани маводҳо на танҳо хонандагони тоҷикро ба ҳаёти иҷтимоии Афғонистон воқиф гардонидааст, балки дар рушд ва таҳкими робитаҳои ҳарду кишвар мусоидат низ намудааст.

Дар инъикос ва тасвири воқеаҳои Афғонистон нашрияҳои Тоҷикистон аз имконоти жанрҳои рӯзноманигорӣ истифода намуда бошанд ҳам, таносубан хабар, мусоҳиба, табсира, мақола ва тақриз бештар аст. Истифодаи моҳиронаи жанрҳои рӯзноманигорӣ ва риояи хусусиятҳои онҳо, аз як тараф, инъикоси воқеятҳо, масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Афғонистонро дар нашрияҳои даврии Тоҷикистон рангину ҷолиб ва диққатангез гардонида бошад, аз сӯйи дигар, ба вусъати мавзӯъҳо ва тарҳи нисбатан комил пайдо кардани онҳо мусоидат кардааст.

## АННОТАЦИЯ

**диссертационной работы Мохаммад Джафара Тайёра на тему “Афганистан в зеркале таджикской периодической печати в период независимоти” представленной на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 10.01.10-Журналистика.**


В кандидатской диссертации представлено исследование о роли таджикской периодической печати периода независимости в отражении событий, происходящих в современном Афганистане. Автор на основе материалов таджикской периодической печати рассматривал исторические и культурные факторы сотрудничества Таджикистана и Афганистана, показывает устоявшиеся традиции взаимоотношений двух стран на современном этапе, представлен содержательно-жанровый анализ материалов таджикской периодики связанных с общественной жизнью Афганистана.

Основным направлением сотрудничества между Таджикистаном и Афганистаном до независимости реализовывались под руководством Москвы и включали в себя политические, экономические, культурные и литературные связи, сформированные в духе добрососедства сторон. Возрождение таджикской государственности заложила фундамент для развития нового и продуктивного углубленного сотрудничества двух стран. Роль таджикской периодической печати в этом процессе тоже очень велика. Анализ материалов периодики показывает, что на этом этапе сотрудничество Таджикистана и Афганистана развивалось и эволюционировало, в основном в политической, экономической, культурной, литературной и просветительской сфере.

В периодической печати времён независимости Таджикистана более весомее отражаются реалии, определяющие образ политических событий Афганистана. Каждый материал носил в основном пропагандистский характер и отражал специфику текущего момента. Посредством сравнительного анализа автор доказывает, что в освещении реальной жизни современного Афганистана более заметную роль сыграли официальные периодические издания Таджикистана, такие как «Джумхурият», «Садои мардум» и независимые периодические издания - «Зиндаги», «Джунбиш», «Миллат», «Озодагон» и «Рузгор». Эти издания уделяли больше внимания освещению хроники ежедневных событий, проблемам войны и мира, безопасности Афганистана и региона, социального положения, проведению выборов, пониманию роли и места политических деятелей и деятелей культуры в афганском обществе, биографии отдельных личностей.

Отображение проблем в периодической печати в зависимости от принадлежности кардинально отличаются. Если официальные издания «Джумхурият», «Садои мардум» и партийная газета «Минбари халк» больше печатали официальную информацию, в том числе двусторонние визиты руководства стран, распространение информации о переговорах противоборствующих сторон, то издания «Зиндаги» и «Рузгор» занимались социально-культурной информацией, а «Миллат» и «Фараж» освещали политические проблемы и возвращение политических деятелей и деятелей культуры Афганистана в политику.

В основном события в политической, социальной и культурной жизни Афганистана освещались в периодической печати Таджикистана правдиво и беспристрастно представляя таджикским читателям реальную картину Афганистане и тем самим способствовала развитию плодотворных контактов между двумя странами.

Хотя таджикские издания и в отображении и изложении событий в Афганистане использовали всю палитру жанров журналистики, все же наиболее востребованными были заметка, интервью, комментарий, статья и рецензия. Умелое использование жанров журналистики и соблюдение их специфики, с одной стороны, и отображение политических, социальных, экономических и культурных проблем Афганистана красочно и интересно опубликованых в таджикской периодике, с другой стороны, а также масштабность тем способствовали точной и объемной передачи событий

## BRIEF CONCLUSION

**of the dissertation work of Muhammad Ja'far Tayar on "Afghanistan in the Tajik periodical press during the independence of Tajikistan", which submitted for receiving the scientific title candidate of philology, according to specialty 10.01.10 – Journalism.**

is candidate dissertation contained the exploration of the role of Tajik periodical press in reflection of events of modern Afghanistan. Author based on Tajik periodical press materials analyzed the factors of relation between Tajikistan and Afghanistan and showed thematic and genre specifications of the used materials.

The main side of the Tajikistan and Afghanistan relations until independence of Tajikistan was political, economic and cultural collaboration, though these relations were controlled by Moscow. The state independence of Tajikistan put a ground for new phase of collaboration and useful relations, in which the press has a vivid role. Analysis of the press materials show that in this period Tajikistan and Afghanistan developed political, economic and educational relations.

In the press were reflected those events, which were taken place in Afghanistan during the certain time. Published materials have propaganda character and took into consideration the time proceedings. Author comparing the published materials found out that official Tajik newspapers such "Jumhuriyat", "Sadoi mardum", and independent newspapers "Zindagi", "Junbish", "Millat", "Ozodagon", and "Ruzgor" had more contribution in reflection of the political events of Afghanistan. These newspapers reflected everyday events, war and peace processes, safety of the Afghanistan and the region, social situation, holding elections, introducing the political and cultural figures in the society of Afghanistan, which have publicity values.

Expressions of the problems in the periodical press take place in different forms and styles. The official newspapers such as "Jumhuriyat", "Sadoi mardum" and "Minbari khalq" are interested in publishing the official news, including visit of heads of states to each other countries, election event, and news related to the conflicted groups. However, the independent newspapers "Zindagi" and "Ruzgor" usually publish social and cultural news, "Millat" and "Farazh" dedicate their articles to the political and cultural figures of Afghanistan.

In general, political, social and cultural events of Afghanistan are reflected in the periodical press of Tajikistan honest and truthful. Such approach of publishing not only introduced Tajik auditory with events of Afghanistan, but also that contributed to the development of intergovernmental relations.

In reflection and description, process of the events of Afghanistan Tajik newspapers used various genres, but there special forms like interview, news, article, comment, review, which were often used. Skillful usage of journalistic genres with consideration of their specifications from one hand made attractive and interesting the description of events, political, social, cultural and economic issues, but from other hand it contributed to the expanding the themes and new forms of embodiment.